Б. БОРОНОВ, Б. БОЙЕВ

# ЗАБОНИ МОДАРӢ



3

## *МУРОҶИАТ*
## *БА ХОНАНДАИ КИТОБ*

*Дӯсти ҷавони ман. Бидон ва огоҳ бош, ки китоб дар радифи Модар ва Ватан арзандатарин муқаддасот ба ҳисоб меравад. Тамоми бузургон, донишмандон ва хирадмандони гузаштаву муосир китобро яке аз беҳтарин арзишҳои зиндагӣ дониста, онро "аниси кунҷи танҳоӣ" ва "фурӯғи субҳи доноӣ" пиндоштаанд.*

*Китобе, ки дар даст доред, бо заҳмати ниҳоят зиёд аз чоп баромадааст. То дар ин шакли ниҳоят зебо ва мазмуни баланд ба дасти Шумо расидан муаллифон, ҳуруфчинон, рассомон, саҳифабандон ваноширон ранҷи бисёре кашидаанд, маблаги зиёде сарф кардаанд. Бинобар ин ба қадри меҳнати онҳо расидан камоли боодобист. Китобро азизу муқаддас донед, чун гавҳараки чашм онро эҳтиёт намоед. Китобро бо шавқу завқи беандоза мутолиа созед, аз мундариҷаи он донишатонро афзун гардонед ва бомаърифату соҳибхирад шавед!*

*Бидонед, ки китобхониву китобдӯстӣ инсонро ҳатман ба қуллаи мурод мерасонад, мартабаашро дар ҷамъият баланд мебардорад, ӯро ҳимматбаланду қадршинос мегардонад. Эҳтиром ба Ватан, ифтихор бо Тоҷикистони азиз, дӯст доштани ҳар гӯшаву канори он аз дуруст мутолиа кардани китоб ва азбар кардани мазмуни матнҳои он ба даст меояд.*

*Ба Шумо, дӯсти ҷавони ман, дар роҳи омӯзиш, азхуднамоии арзишҳои бузурги инсонӣ муваффақиятҳо таманно дорам.*

*Бо эҳтиром*
*Президенти Ҷумҳурии*
*Тоҷикистон* *Э. Раҳмонов*



ПРЕЗИДЕНТИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**ЭМОМАЛӢ РАҲМОНОВ**

Б. БОРОНОВ, Б. БОЙЕВ

# ЗАБОНИ МОДАРӢ

## китоби дарсӣ барои синфи 3

**Коллегияи Вазорати маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп тавсия кардааст**



«Сарпараст»
Душанбе 2004

ББК - 81.2 тоҷик
Б86

**Боронов Б., Бойев Б.**
**Забони модарӣ,** китоби дарсӣ барои синфи 3-юм.
“Сарпараст”, Душанбе. Соли 2004, 224 саҳифа

Истифодаи китоб:

| № | Ному насаби хонанда | Синф | Соли хониш | Ҳолати китоб (баҳои китобдор) | |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | Аввали сол | Охири сол |
| 1 | | | | | |
| 2 | | | | | |
| 3 | | | | | |
| 4 | | | | | |
| 5 | | | | | |

Муаллимони мӯҳтарам!

Хоҳишмандем фикру мулоҳизаҳои худро оид ба мазмуни китоби мазкур ба нишонии 734024, ш. Душанбе, кӯчаи Айнӣ, 45, Пажӯҳишгоҳи улуми педагогии Тоҷикистон ирсол намоед.

© “Сарпараст”, 2004
ISBN 5-902614-09-0
© Издательство “Учебная литература”, 2004

# Ба хонанда

Бачаҳои азиз!

Акнун шумоён баъд аз хатми синфи дуюм як зина боло, ба синфи сеюм қадам ниҳодед. Агар имсол ҳам хубу аъло хонед, соҳиби донишҳои нав мегардед, ки дар зиндагӣ ҳатман бароятон лозим мешаванд.

Дар синфи сеюм шумо боз бо фанҳои «Алифбои ниёгон» ва «Одобнома» шинос хоҳед шуд. Ин фанҳо низ донишатонро васеъ ва ахлоқатонро неку ҳамида мегардонанд.

Таманнои мо, аз шумо, азизон, ин аст, ки ба ҳамаи фанҳо муносибати хуб дошта бошед ва онҳоро нағз аз худ кунед. Агар ба ин таъкиди боло риоя намоед, гуфтаҳои пайғамбар Зардушт «Рафтори нек, гуфтори нек ва пиндори нек»-ро ба ҷо меоред.

Суханҳои муқаддаси ҳазрати Зардушт барои ҳар яки мо мисли обу ҳаво заруранд ва ин пандҳо моро ба роҳи дуруст раҳнамоӣ мекунанд.

Инак, биёед ба маънии ин се сухани воло шинос шавем:

1. Маънои **«Рафтори нек»** ин аст, ки ҳар шахс бояд амалу рафтор ва муомилаи хуб дошта бошад, то ки байни атрофиён намунаи ибрат гардад.

2. Мазмуни **«Гуфтори нек»** он аст, ки кас пеш аз фикри худро ба дигарон баён намудан, аввал андеша (фикр) кунад, ки чӣ мегӯяд ва агар некӯ бошад, бигӯяд ва агар бад бошад, худдорӣ намояд. Ӯ набояд нисбат ба дигарон фикри бадро дар сараш ҷой диҳад. Баръакс, ӯ бояд хайрхоҳ ва нафърасон ба дигарон бошад.

3. **«Пиндори нек»** он аст, ки бояд андешаю гумон, фикру хаёл ва тасаввуроти одам хубу сара бошад.

Агар ба чунин гуфтаҳо риоя кунед, он гоҳ рафтору гуфтору пиндори шуморо нек мегӯянд.

Агар мувофиқи гуфтаҳои ҳазрати Зардушт амал намоед, бе ҳеҷ шакку шубҳа инсони хуб хоҳед шуд.

Дар таҳсилатон ба шумо сабру таҳаммул ва муваффақиятҳо мехоҳем.

**Муаллифон**

ДАРСҲОИ 1–2

## ХОНИШ, ИМЛО ВА ИНКИШОФИ НУТҚ
## ШИНОСОИИ УМУМӢ БО ҲИССАҲОИ НУТҚ
## ЯКУМИ СЕНТЯБР – РӮЗИ СУЛҲ ВА ДОНИШ

### 1. КАЛИМА



### МАКТАБ, СИНФ, ДАРС

Инак, боз дар оғӯши мактаб ҳастем.

Боз сарҷамъию оғози таҳсил фаро расид. Мо акнун як синф боло баромадем. Боз баақлтару донотар шудем. Неку бадро сарфаҳм меравем. Фаҳмидем, ки дӯстон оинаю мададгори якдигаранд. Дӯстию бародарӣ асоси зиндагӣ мебошанд. Мо ҳам ин суннатҳоро пос дошта, дар таҳсил мекӯшем, ки сазовори таҳсини ёру дӯстон, падару модарон ва муаллимони азиз гардем.

Акнун вазифаи мо, пеш аз ҳама, кори нек ва хониши хубу аъло аст. Мақсади мо: **«Гуфтори нек, пиндори нек, рафтори нек»**.

**Супориш:**

**1.** Расмро аз назар гузаронед ва мазмунашро нақл кунед.

**2.** Матнро бодиққат хонед:

## САВОЛИ ХУБ

Муаллима бипурсид,
Рӯзи аввали таҳсил.
– Ман, – бигуфто Нигора, –
Дар таътили тобистон,
Дасти ёрӣ бидодам
Ба момои Хиромон.
Момо ҳамсояи мост,
Як пири барҷомонда.
Ҳамсараш шаҳиди ҷанг,
Худаш дасттанҳо монда.
– Хуб истироҳат кардам
Вақти таътил, – гуфт Ашӯр, –
Барои мевачинӣ,
Рафтам ба деҳаи дур.
Бобои ман боғбон аст,
Дар деҳаи Хамирҷӯ.
Дар чидани зардолу
Ёрӣ расондам ба ӯ.

– Бачаҳо, чӣ кори нек
Кардед вақти таътил?
Рустам гуфто: – Тағоям,
Чӯпони ордендор аст,
Дар оғӯши чарогоҳ,
Ташвиши ӯ бисёр аст.
Ба тағои чӯпонам
Ман ҳам мадад расондам:
– Аспи ӯро давондам,
Рамаашро чарондам...
– Бале, бале, шогирдон! –
Муаллима хурсанд шуд,
– Ҳар яки шумо кардед
Кори хубу дилписанд.
Аз худ намудани дарс
Акнун вазифаи мост.
Пеш аз ҳама кори нек,
Хониши хубу аълост.

**Алӣ Бобоҷон**

### Савол ва супориш:

**1.** Муаллима аз бачаҳо чӣ пурсид?

**2.** Нигора чӣ ҷавоб дод?

**3.** Ашӯр чӣ?

**4.** Рустам чӣ кор кардааст?

**5.** Баъд муаллима ба бачаҳо чӣ гуфт?

**6.** Шумоён ҳам дар бораи хотираҳои худ аз таътили тобистона нақл кунед.

**Машқи 1.** Хотираҳои таътилатонро дар 4-5 ҷумла бинависед.

**Супориш:** Шуморед, ки дар ҳар ҷумла чандтоӣ калима истифода кардаед. Акнун аз ҳар ҷумла як-як калимаро партофта, бихонед. Эътибор диҳед, оё маънои ҷумлаҳо бетағйир боқӣ монд?

**Машқи 2.** Номи духтару писаронеро, ки шоир дар шеъраш истифода кардааст, ба номи шарикони худ иваз карда нависед.

**Супориш:** Ҳисоб кунед, ки дар номҳои навиштаатон чандтоӣ ҳарф истифода шудааст.

**Машқи 3.** Аз шеър гуфтаҳои Нигораро навишта гиред ва мазмунашро дар хотир нигоҳ доред. Маънои калимаи **«дасттанҳо»**-ро шарҳ диҳед.

**Супориш:**

1. Калимаҳои **чарогоҳ, рама, Нигора, хониш**-ро таҳлили овозӣ кунед.

   **Намуна:** Нигора – н-и-г-о-р-а.

2. Шарҳ диҳед: Ҳарф, овоз, калима, ҷумла.

   **Намуна:** Ҳарфро мебинем ва менависем. Овозро талаффуз мекунем ва мешунавем.

3. Аз калимаи Нигора аввал ҳамсадоҳо ва баъд садонокҳоро муайян карда нависед.

   **Намуна:** Чарогоҳ – ч - р - г - ҳ, а - о - о.

## ДАРСҲОИ 3–4

## СУРУДИ МИЛЛИИ МО

Суруди миллӣ рамзи давлатии Тоҷикистон аст, ки дар он тамоми орзую омоли халқи мо ифода ёфтааст. Суруди миллӣ маъмулан ба таври мутантан суруда мешавад, вай нишони ифтихори мо аст. Вай моро ба ҳимояи истиқлолияти Ватани ҷоноҷонамон даъват менамояд.

Тоҷикистони маҳбубамон баъди расидан ба истиқлолият суруди миллии нави худро бар матни Шоири халқии Тоҷикистон Гулназар Келдӣ қабул намуд, ки оҳанги онро Сулаймон Юдаков офаридааст. Ҳар яки мо бояд суруди миллиамонро аз ёд донем.

# СУРУДИ МИЛЛИИ
# ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

**Диёри арҷманди мо,**
**Ба бахти мо сари азизи ту баланд бод,**
**Саодати ту, давлати ту бегазанд бод.**
**Зи дурии замонаҳо расидаем,**
**Ба зери парчами ту саф кашидаем,**
**кашидаем,**

**Зинда бош, эй Ватан,**
**Тоҷикистони озоди ман!**

**Барои нангу номи мо**
**Ту аз умеди рафтагони мо нишонаӣ,**
**Ту баҳри ворисон ҷаҳони ҷовидонаӣ,**
**Хазон намерасад ба навбаҳори ту,**
**Ки мазраи вафо бувад канори ту,**
**канори ту,**

**Зинда бош, эй Ватан,**
**Тоҷикистони озоди ман!**

**Ту модарӣ, ягонаӣ,**
**Бақои ту бувад бақои хонадони мо,**
**Маромн ту бувад мароми ҷисму ҷони мо,**
**Зи ту саодати абад насиби мост,**
**Ту ҳастиву ҳама ҷаҳон ҳабиби мост,**
**ҳабиби мост,**
**Зинда бош, эй Ватан,**
**Тоҷикистони озоди ман!**

**Луғат:**
*Арҷманд* – соҳибэҳтиром, бақадру қимат, боиззат.
*Бегазанд* – безарар, беосеб.
*Парчам* – байрақ.
*Мазраъ* – киштзор, замини корам, ҷои зироат.

***Бақо*** – абад, ҷовидона, бардавом, ҳаёти беинтиҳо.
***Маром*** – мурод, мақсад, матлаб.
***Ҳабиби мост*** – дӯстдоштаи мост, маҳбуби мо аст.

**Супориш:**

1. Матнро ботантана хонед.
2. Луғатҳоро аз бар намоед.

**Машқи 1.** Ҳафт мисраи аввали матнро хонед ва гӯед, ки дар он чанд калима мавҷуд аст.

Баъд аз номбар кардани миқдори калимаҳо онҳоро ба дафтаратон нависед.

**Машқи 2.** Ибораҳои **диёри арҷманд, сари баланд, давлати бегазанд, дурии замонаҳо, мазраи вафо**-ро маънидод кунед.

**Машқи 3.** Хонед:

Зинда бош, эй Ватан,
Тоҷикистони озоди ман!






**Супориш:**

**1.** Гӯед, ки ин ду мисраи шеър аз чанд калима иборат мебошанд.

**2.** Калимаҳои **Тоҷикистон**, **озод, саодат, баланд, ҷовидона, зинда, Ватан**-ро ба ҳиссаҳо ҷудо кунед ва садонокҳоро муайян кунед.

**Намуна:** Баланд – ба-ланд. Садонокҳояш: а, а.

Ҷумла аз калимаҳо иборат аст. Калимаҳо аз овозҳо сохта мешаванд. Ҳар калима маъно дорад. Мо фикрамонро бо ёрии калимаҳо ифода мекунем.

**3.** Қоидаро хонед ва дар хотир нигоҳ доред.

**ҚОИДА:** Ҳар гоҳ, ки ҳарф мезанем, суханамон аз калимаҳо иборат аст. Бе калима на сухани кас фаҳмида мешаваду на маънои он. Аз ин рӯ ҳар қадар мо калима аз ёд кунему ҳарф занем, ҳамон қадар донотар мешавем ва нутқамон бурротар мегардад.
Нутқи мо аз калимаҳо иборат аст.

## ДАРСҲОИ 5–6

# ТОҶИКИСТОНИ СОҲИБИСТИҚЛОЛ

| | |
|---|---|
| **9 сентябри соли 1991** | Тоҷикистони азизамон соҳибистиқлол эълон гардид. |
| **2 марти соли 1992** | Ҷумҳурии Тоҷикистон узви Созмони Милали Муттаҳид шуд. |
| **23 феврали соли 1993** | Қувваҳои мусаллаҳи Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил шуданд. |
| **22 июли соли 1992** | «Қонуни забон» қабул карда шуд. |

Тоҷикистон Ватани зебои мо бо кӯҳҳои сарбаланду водиҳои саросар обшораш маълуму машҳури ҷаҳон аст.

Тоҷикистон аз ҷумлаи кишварҳоест, ки пахтаи маҳиннах парвариш мекунанд... Кӯҳсоронаш дорои канданиҳои фоиданок, аз қабили тилло, мис, нуқра, лаъл, лоҷвард ва ғайраанд. Дар ин бобат шоири хушкалом Абдусалом Деҳотӣ Тоҷикистони нозанинро чунин тасвир кардааст:

## ТОҶИКИСТОН

Аҷаб бой асту зебо кӯҳсорат,
Пур аз дурр кӯҳсори обшорат.
Ба саҳроҳот ҳамчун бахти халқат,
Шукуфта пахтаҳои нуқраворат.
Табиат, ҳар чӣ хоҳӣ, тӯҳфа кардаст,
Ба ҳар як ганҷ конам, Тоҷикистон.
Шавӣ сарсабзу хуррам дар баҳорон,
Мисоли боғу бӯстон баъди борон.
Ба тобистон чӣ ширин меваҳоят,
Ки ҷон роҳат кунад аз лаззати он!
Ба зиннат тирамоҳат ҳам баҳор аст,
Баҳори бехазонам, Тоҷикистон.
Ту обод ҳастию ман зинда бо ту,
Азизӣ мисли ҷонам, Тоҷикистон!

### Савол ва супориш:

**1.** Кӯҳсори Тоҷикистон чӣ гуна будааст ва чиҳо доштааст?
**2.** Дар саҳроҳо чӣ мешукуфтааст?
**3.** Дар фасли баҳор табиати Тоҷикистон чӣ гуна ранг мегирифтааст?
**4.** Тирамоҳи Тоҷикистон ба кадом фасл монанд аст?
**5.** Оё дар бораи Тоҷикистон боз дигар шеър медонед?
**6.** Барои чӣ шоир шукуфтани пахтаҳоро ба бахти халқ монанд кардааст?
**7.** Санаҳои таърихиро дар хотир гиред.

**Машқи 1.** Чор мисраи аввали ин шеърро нависед.
**Супориш:** Маънои мисраъҳои сеюму чорумро шарҳ диҳед.

**Машқи 2.** Фасли тирамоҳро тавсиф кунед.
**Машқи 3.** Бо калимаҳои **фасл, заррин, ҳосил, дурр, кӯҳсор** яктогӣ ҷумла тартиб диҳед ва нависед.
**Супориш:**
**1.** Дар бораи меваҳою сабзавот чистонҳо ёбед ва шарҳ диҳед.
**Намуна:** Мехи заррин – таги замин (сабзӣ).
**2.** Аҳамияти калимаро дар ҷумласозӣ маънидод кунед.
**Машқи 4.** Хонед: **Сарсабз, баҳорон, нуқравор, бӯстон, борон, тобистон, бехазон.**
**Супориш:**
**1.** Аз ин калимаҳо аввал исмҳо ва баъд сифатҳоро муайян карда онҳоро нависед.
**2.** Байтбарак ташкил кунед.
Калима низ нақша дорад, ки шумо бо нақшаи калима ҳанӯз дар синфи якум шинос шуда будед.
**Мисол:** 1. Нақшаи ҷумла: └───.
2. Нақшаи калима: ───.
Агар хоҳем, ки ҷумлаи дукалимадор нависем, ин тавр аст: (Тирамоҳ даромад). Ин ҷумла ду калима дорад ва нақшаaш чунин аст: └─── ───.

## 2. ШИНОСОИИ УМУМӢ БО ҲИССАҲОИ НУТҚ

Дар забони тоҷикӣ 10 ҳиссаи нутқ мавҷуд аст. Шумо дар синфи сеюм баъзеи онҳо, аз ҷумла исм, феъл, сифат ва пешояндро меомӯзеду халос.

Бо ҳиссаҳои дигари нутқ – шумора, ҷонишин, зарф, пайвандакҳо ва нидою ҳиссачаҳо баъдтар, дар синфҳои боло, шинос хоҳед шуд. Аз ҷумлаи 10 ҳиссаи нутқ исм, феъл, сифат, ҷонишин, шумора ва зарфро ҳиссаҳои мустақили нутқ (зеро онҳо ба саволҳо ҷавоб мешаванд) ва пешоянду пасояндҳо, пайвандакҳо ва ҳиссачаҳою нидоро, ки ба ягон савол ҷавоб намешаванд, ҳиссаҳои ёрирасони нутқ меноманд. Онҳо бо ҳиссаҳои мустақили нутқ, ки ҳамроҳ шуданд, маъно пайдо мекунанд. Аммо мо ҳамеша ҳама ҳиссаҳои нутқро дар гуфтугӯю навишт истифода мебарем.

Ҳиссаи нутқ гуфта исм, феъл, сифат ва ғайраро меномем.

**Масалан:** Борон ба боридан сар кард.

Агар хоҳем, ки дар ин ҷумла ҳиссаҳои нутқро муайян кунем, аз саволҳо истифода мебарем.

**Мисол: 1.** Чӣ кор кард? – Сар кард.

**2.** Чӣ сар кард? – Борон.

Аз ин саволҳо маълум мешавад, ки **«сар кард»** феъл буда, **«борон»** исм мебошад. Пас маълум мешавад, ки исму сифат ҳиссаи нутқ мебошанд. Агар гӯем, ки **борони сахт ба боридан сар кард**. Саволи «чӣ хел борон?»-ро медиҳем. Дар ин ҷумла калимаи «сахт», ки аломати исмро (борон) ифода мекунад, сифат ё аломати ашё ном дорад.

Шумо бо ин ҳиссаҳои нутқ дар поён пурратар шинос хоҳед гашт.

## ДАРСҲОИ 7–8

### ПОЧАКАШАК

Почакашак як ҳайвони кулӯлаи дастонаш сип-сиёҳи серпашм ва якчашмаи даҳонкалоне будааст. Чор дандони ханҷарвор тези аз лабонаш берун баромада доштааст. Инро ба ман очаам гуфт. Баъд ӯ гуфт, ки ба лаби кӯл, ҳавз ё ҷӯи калон танҳо наравам. Почакашак ман барин хурдтараконро дар соҳил танҳо бинад ва агар онҳо ба об хам шаванд, ногоҳ баромада почаашонро маҳкам медоштаасту ба об ғарқ мекардааст.

Барои чӣ ин тавр мекардааст? – Пурсидам ман аз очаам, – бачаҳо ба вай чӣ бадӣ кардаанд?

Як бача «Афти хунукат дар гӯр» гуфта беҳуда бо санг ба сари шоҳи почакашак зада будааст. То он вақт почакашакҳо накӯкор будаанд, делфин барин одамро аз ғарқшавӣ наҷот медодаанд. Баъди лат хӯрдани сараш майнаи почакашак беҷо шуда чаппа кор кардааст ва акнун ӯ ба ҷои халос кардан ғарқ мекардааст, – гуфт очаам. Шоҳ ба дигар почакашакҳо фармон додааст, ки агар бачаҳоро танҳо бинанд, қасос гиранд.

– Мо баъзан қурбоққаро бинем, бо санг ё кулӯх мезанем, – гуфтам ман. Акнун фаҳмидам, ки чаро хомӯшаку пашшаҳо бисёр шудаанд ва

маро мегазанд. Қурбоққаҳои шаттахӯрда пашшаву хомӯшакҳоро қасдан намедоранд, ки моро газанд. Онҳо ҳам аз афташ чаппа кор мекунанд.

Дигар ҳайвонотро беҳуда назанетон – таъкид кард очаам. Баъзе бачаҳо ба ман гуфтанд, ки ҳамаи ин гапҳо афсонаанд, почакашак ном ҳайвони обӣ нест. Ман ҳам китоби ҳайвонотшиносиро варақ зада дидам, ки шамшермоҳӣ, харчанг, ситораи баҳрӣ, тимсоҳ ва дигар ҷонварони обӣ ҳастанду почакашак нест. Ман бовар дорам, ки вай ҳаст, вале аз одамон сахт тарсидааст, доимо пинҳон шуда мегардад. Ӯ ҳеҷ гоҳ худро нишон намедиҳад, зеро маккору доност. Барои ҳамин то ҳол олимони ҳайвонотшинос ё калонсолон ӯро дучор нашудаанд. Аз ин сабаб дар китобҳо на сураташ ҳасту на номаш.

**Адаш Истад**

### Савол ва супориш:

**1.** Почакашак чӣ гуна ҳайвон будааст?
**2.** Ин ҳайвон аввалҳо ба одамон чӣ мекардааст?
**3.** Баъд аз озор диданаш нисбат ба одамон почакашак чӣ гуна рафторе менамудааст?
**4.** Озор додани ҳайвонҳо оқибати номатлуб доштааст. Чаро?
**5.** Матнро хонед ва мазмунашро ба волидайн ва хоҳару бародаратон қисса кунед.

**Машқи 1.** Сархати аввали матнро нависед.
**Машқи 2.** Хонед, диққат диҳед:
Як бача «Афти хунукат дар гӯр» гуфта беҳуда бо санг ба сари шоҳи почакашак зада будааст. То он вақт почакашакҳо накӯкор будаанд, делфин барин одамро аз ғарқшавӣ наҷот медодаанд. Баъди лат хӯрдани сараш майнаи почакашак беҷо шуда чаппа кор кардааст ва акнун ӯ ба ҷои халос кардан ғарқ мекардааст, – гуфт очаам.
**Машқи 3.** Машқи дуюмро хонед ва миқдори калимаҳои онро шуморед.
**Машқи 4.** Аз матн ҷумлаҳои дилхоҳатонро такроран хонед ва онҳоро нависед.
**Таъкид:** Ҳеҷ гоҳ ҷонваронро озор надиҳед ва то метавонед, ба онҳо кӯмак расонед.

## ДАРСҲОИ 9–10

### АЙЁМИ ШАҲДРЕЗ

Бачаҳои азиз! Ҳамаамон шоҳидем, ки баъд аз тобистон фасли тирамоҳ фаро мерасад. Ин айёмест, ки деҳқон ҳосили заҳматашро хирман мекунад. Тирамоҳро фасли заррин низ меноманд.

Тирамоҳ, ту аҷаб фасли гуворой! Зеро ту бароямон чандин хушиҳо овардӣ. Оғози соли таҳсил. Иди истиқлоли миллӣ, ҷашни Меҳргон, бозори фаровон...

Аз ту ҳама шодкомист, чунки ангури шаҳдбори ҳусайнӣ, шибирғонӣ, тагобӣ... анори туршу ширин, хурмою анҷири асалӣ, пистаю чормағзҳои болаззат ва дигар меваҳоро болои дастархони мо меорӣ.

– Магар ин кори ту нест, тирамоҳ?

– Не, наход надонед? Охир ин кори Бобои Деҳқон аст! Маҳсули заҳмати марди деҳқон аст, ки ман обрӯманду шумо баҳраманд.

– Узр мепурсем, тирамоҳи заррин! Қариб буд баҳори нозанинро фаромӯш кунем ва меҳнату заҳмати киштукардаи Деҳқонбоборо нодида бигзарем. Хайрият ба ёди мо овардӣ. Тирамоҳ, медонӣ чӣ? Аз ту хоҳиш мекунем, ки ҳар сол ҳамин хел пурнеъмату фаровон биёӣ, ҳама хушии мо аз файзу баракати туст, тирамоҳи файзбахш!

– Ба ин ваъда медиҳам. Бигзор гуфти шумо шавад, хайр, то соли дигар!

**Бозор Боронов**





**Супориш:** Матнро бодиққат қироат карда, мазмуни онро дар хотир гиред. Исм, феъл ва сифатҳоро муайян ва номбар кунед. Расмро аз назар гузаронед ва мазмунашро нақл кунед.

## ТИРАМОҲ

Аз дарахтон баргҳо афтодаанд
Чун гилеми рангае рӯи замин.
Аз насими кӯҳсорони баланд
Бар машомам мерасад бӯи замин...
Мефишонад боди сарде ҳар замон,
Себи сурхи ҳамчу рӯи духтарон.
Менамоям аз даруни баргҳо,
Чормағзе ҷустуҷӯ чун бачагон...
Сӯи ман чашмак занад ангури лаъл,
Гӯиё гӯяд: даҳон ширин намо.
Нозбӯ менозад аз ҳар гӯшае,
Ғайри он гул нест зеби тирамоҳ.
Ман парастам чеҳраи сурхи туро,
Шеър мехонам бароят бо хурӯш...
Гар набошӣ тирамоҳи куртасурх,
Аз куҷо ояд баҳори сабзпӯш?

**Акбар Пирӯзӣ**

**Луғат:**
***Насим*** – боди форами баҳорӣ.
***Нозбӯ*** – гули ноз, райҳон.
***Парастам*** – дӯст дорам.
***Гар*** – агар.
***Хурӯш*** – садо, фарёд.
***Машом*** – димоғ.

**Супориш:**
**1.** Шеърро хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед.
**2.** Тирамоҳи зодгоҳатонро бо тасвири матнҳои хондашуда муқоиса намоед.
**3.** Аз деҳқонони деҳа киҳоро мешиносед, номбар кунед ва ба меҳнати онҳо баҳо диҳед.

**Машқи 1.** Аҳамияти калимаҳоро дар тасвири матн муайян созед, бо калимаи «тирамоҳ» яктогӣ ҷумла тартиб диҳед ва нависед.
**Машқи 2.** Чор мисраи аввали матнро рӯнавис кунед.
**Супориш:**
**1.** Шарҳ диҳед: **гилеми ранга, насими кӯҳсорон, бӯи замин, ангури лаъл, зеби тирамоҳ.**
**2.** Агар касе аз шумо дар бораи фасли тирамоҳ боз шеъре донад, онро барои ҳамдарсон қироат кунад.
**Машқи 3.** Чор мисраи охири матнро нависед ва аз ёд кунед.
**Супориш:** Аз ҷумлаҳои навишташуда аввал исмҳо ва баъд сифатҳоро муайян кунед.

## 3. ИСМ

Исм ҳиссаи нутқ аст. Он номи ашёҳоро ифода мекунад ва ба саволҳои чӣ?, чиҳо?, кӣ?, киҳо? ҷавоб мешавад. Исмҳо танҳо ва ҷамъ мешаванд. Барои ҳиссаи нутқро фаҳмидан мо бояд дар дарсҳо машқу супоришҳоро дуруст иҷро кунем. Пеш аз хондани ҳар матн аввал бояд худро омода созем, ки чиро мехонем ва аз он чӣ мефаҳмем? Яъне беғалат хонем ва маънои чизи хондаамонро ба қадри зарурӣ донем.

Дар навиштан ҳам набояд саросема шавем, яъне чиро менависем ва барои чӣ менависем, бояд донем. Беғалату хушхат навиштан лозим аст.

Баъзе исмҳо хос ва ҷинс мешаванд. Исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд. Қисме аз исмҳо ҳаммаъно ва муқобилмаъноанд, ки мо онҳоро ҳангоми иҷрои машқҳо мефаҳмем. Исмҳои ҷинс бо ҳарфи хурд навишта мешаванд.

## ДАРСҲОИ 11–12

### САНГБАРДОРӢ
### (Варзиши ниёгон)

I

...Ҳар як амали паҳлавонону қаҳрамонҳои халқӣ ба мисли Рустами Дастон, Сиёвуш, Исфандиёр, Эраҷ, Салимпаҳлавон, Темурмалик,

Самаки айёр, Кулӯлабаҳодур, Спитамен, Восеъ ва монанди инҳо дилро ба ваҷд оварда ба кас қувваи тоза мебахшад.

Албатта, ҳамаи онҳо худ аз худ ё тасодуфан соҳиби қувваи бузург нагаштаанд.

Ба воситаи табари сангин, асо ва ҷисмҳои гуногун, ки дастраси онҳо буд, ба шикори ҳайвонҳо мебаромаданд, барои зиндагӣ хӯрок меҷустанд ва худро муҳофизат мекарданд. Умуман бе аслиҳаи оташфишон, бар зидди ҳайвонҳо муқобилият нишон дода, онҳоро дастгир менамуданд ва барои рӯзгузаронӣ истифода мебурданд.

Мушакҳои боқувват ва нерӯмандӣ дар тамоми давраҳо, дар ҷангҳои рӯ ба рӯ, тан ба тан ва дар осоиштагӣ ҳам ба инсон лозим буданд.

Дар афсонаҳои халқӣ оварда шудааст, ки ниёгони мо сангбардорони нерӯманди худро доштаанд.

Чунончи дар афсонаи «Кулӯлабаҳодур» нақл карда шудааст: «Паҳлавоне ду санги осиёро болои ҳам ба як ангушташ бардошта, давр занонда меомад. Вай омада пеши роҳи Кулӯлабаҳодурро гирифт.

– Канӣ бигӯ, мақсадат чист? – гуфт Кулӯлабаҳодур.

– Маро Осиёбгардон мегӯянд, шунидам, ки Кулӯла ном баҳодуре пайдо шудааст, ба суроғи ӯ меравам. Канӣ бинам он паҳлавон чӣ қуввае доштааст?

Кулӯлабаҳодур хӯрҷинашро ба замин гузошта гуфт:

– Ман ҷӯраи ӯ ҳастам, ҳамин хӯрҷини маро аз замин бардор, агар бардошта тавонӣ, бар ӯ ғолиб меоӣ!

– Осиёбгардон сангҳояшро гузошта, ҳарчанд кӯшиш кард, хӯрҷинашро бардошта натавонист.

– Ту аз ман зӯртар будаӣ, ман ғуломи онам, ки аз ман зӯртар аст, – гуфт Осиёбгардон, – маро ҳамроҳат гир, ҳарчӣ гӯӣ мекунам».

Ҳамин тавр, Кулӯлабаҳодур бартарии худро нисбат ба Куҳанпаҳлавон, Дарёдаркаш ва Дев нишон медиҳад. Тавре ки ёдрас шудем, ин хел баҳодуриро мо дар образи Рустами Дастон, Сиёвуш, Барзу, Эраҷ, Салимпаҳлавон ва ғайраҳо тасаввур карда метавонем. Баҳодурон на танҳо бо сангҳои осиёбии 400-500 килоӣ машқ мекардаанд, балки сангҳои махсусро тайёр карда, риёзати бадан менамуданд.

Вазнбардорон дар тӯли асрҳо кам набудаанд. Ин хел одамонро мутафаккирон ҳамчун гурзбардорон дар асарҳои худ акс кардаанд. Аз он ҷумла Абулқосим Фирдавсӣ, Хусрави Деҳлавӣ, Хоқонӣ, Абӯшакури Балхӣ, Сайидои Насафӣ ва дигарон ба ин навъи фаъолият диққати махсус додаанд...

Дар натиҷаи мунтазам машқ кардан инсон соҳиби муваффақиятҳои калон мегардад...

**Наим Турсунов**

**Луғат:**
***Амал*** – кору кирдор, фаъолият.
***Ваҷд*** – шодӣ, хурсандӣ.
***Нерӯмандӣ*** – қудрату тавоноӣ доштан.

**Савол ва супориш:**

**1.** Паҳлавонону қаҳрамонони халқи тоҷик киҳо буданд?
**2.** Мушакҳои бадан аз чӣ боқувват мешудаанд?
**3.** Кулӯлабаҳодур Осиёбгардони паҳлавонро чӣ гуна санҷид?
**4.** Шумо ҳам ба сангбардорӣ шуғл варзед, то далеру шуҷоъ гардед.
**5.** Номи кадом варзишгаронро медонед, гуфта диҳед.
**6.** Матнро беғалат ва оромона мутолиа кунед.

**Машқи 1.** Аз матн сифат ва феълҳоро интихоб карда нависед.
**Машқи 2.** Қисми дуюми матнро хонед ва мазмунашро нақл кунед.
**Супориш:**
**1.** Хонед ва бигӯед, ки ҷумлаи охири матн чанд калима дорад.
**2.** Бигӯед, ки калимаи «муваффақият» аз чанд ҳарфу чанд овоз иборат аст.
**Машқи 3.** Номҳои шоирони форс – тоҷикро аз қисми сеюми матн нависед ва дар хотир гиред.
**Супориш:**
**1.** Бо сифатҳои зерин ҷумлаҳо тартиб диҳед: **соф, гарм, ширин, васеъ, шавқовар.**

**Намуна:** Имрӯз ҳаво соф аст, ...

**2.** Ба варзиш машғул шавед, солиму бардам мегардед.

## ДАРСҲОИ 13–14

### АМИР ВА МОР

Рӯзе амире ба шикор рафт. Ногоҳ море тарсон пеши ӯ рафт ва гуфт:

– Эй амир, маро ҷой бидеҳ пинҳон шавам.

Амир гуфт:

– Чаро тарсон ҳастӣ?

Мор гуфт, ки душман барои куштани ӯ чӯбе гирифта, аз дунболаш меояд.

Амир ба мор раҳм намуд ва дар остини худ ҷой дод.

Мор бар остини амир пинҳон шуд. Баъди як лаҳза марде бо чӯб расида, гуфт, ки мори сиёҳ аз пеши ман гурехта омадааст, ин ҷо касе ӯро дидааст?

Амир гуфт:

– Не.

Он мард баргашт ва рост нигоҳ кард, море надид, роҳи худро пеш гирифт.

Амир гуфт:

– Эй мор, душмани ту рафт, акнун ту низ роҳи худро пеш гир.

Мор гуфт, ки туро аввал мегазам ва баъд хоҳам рафт, намедонӣ, ки ман душмани туам. Ту аҳмақ ҳастӣ, ки бар ман эътимод кардӣ ва раҳм намудӣ, морро ба остини худ ҷой додӣ.

Амир гуфт:

– Эй мор, ба ту некӣ кардам, чаро ба ман бадӣ кардан мехоҳӣ?

Мор гуфт:

– Хирадмандон гуфтаанд, ки ба ҳар кас некӣ кардан хуб нест.

**Луғат:**

*Эътимод* – боварӣ.

**Супориш:**

**1.** Матнро хомӯшона қироат кунед ва хулосаи зарурӣ бароред.

**2.** Сархати аввали матнро аз назар гузаронед ва аз чанд ҷумла иборат будани онро муайян кунед.

**3.** Бигӯед, ки дар матн сухан дар бораи кӣ ва чӣ меравад.

**Машқи 1.** Ҷумлаҳои сархати охири матнро нависед, муайян созед, ки чанд ҷумла истифода гардидааст.
**Супориш:** Аз рӯи мазмуни матн саҳнача гузоред.

**Иштирокчиён**:
**1.** Амир **2.** Мор **3.** Душмани мор **4.** Баранда.

**Машқи 2.** Калимаҳои **некӣ** ва **бадӣ**-ро нависед ва онҳоро шарҳ диҳед.
**Супориш:**
**1.** Дар бораи **некӣ** ва **бадӣ** дар алоҳидагӣ ҳикояча тартиб диҳед ва нависед.
**2.** Шарҳ диҳед:
– Хирадмандон гуфтаанд, ки ба ҳар кас некӣ кардан хуб нест.
**Машқи 3.** Се ҷумлаи матнро интихобан нависед, миқдори калимаҳоро муайян кунед.

## ДАРСҲОИ 15–16

Бачаҳо! Агар шумо мушоҳида карда бошед, тирамоҳи ҳар деҳа, ноҳия ва шаҳр манзараи гуногун ва хоси худро дорад. Масалан, ҷое себу шафтолу ва нок, ҷои дигар арчаю чинор, пистаю бодом ва ҷои сеюм чормағзу зелол ва сафедору тирак бештар ба чашм мерасанд.

Вале бо вуҷуди ин тирамоҳи тамоми минтақаҳои ватани мо зебо ва пурнозу неъмат аст, ки дар шеъри зерин хеле хуб тасвир шудааст.

### ТИРАМОҲ

Кӯҳу камар зарнигор,
Теппаву ҷар зарнигор,
Деҳаи хушбахри мо
Сар то ба по зарнигор,
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!
Шамоли серун вазид,
Ранги сабзаҳо парид,
Деҳаи мо аз дигар
Пур шуд аз бӯи санҷид.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

Лаклаки мо куҷо рафт?
Чун абре дар ҳаво рафт,
Бори дигар болашро
Афшонда сӯи мо рафт.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!
Момои шабзиндадор
Бофад ҷӯроби гулдор,
Зинда кунад бо ҳавас
Ранги гули навбаҳор.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

Ҳар ҷо хирман пайдо шуд,
Кӯҳи пахта боло шуд,
Роҳи калони деҳа
Ҷои серрафтуо шуд.
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

Аз сари кӯҳу камар
Ҳар сӯ мекунам назар,
Бо деҳаи зарринам
Деҳе бошад баробар?
Тирамоҳ шуд, тирамоҳ!

**Гулчеҳра Сулаймонова**

**Луғат:**
*Зарнигор* – тиллокорӣ кардашуда, бо зар наққошишуда.
*Хушбаҳр* – дилкушо.
*Серун* – форам, мулоим, фараҳнок.

**Машқи 1.** Шеърро ифоданок хонед ва ба мазмуни он диққат диҳед.
**Супориш:** Калимаҳоюю ибораҳои зеринро нависед ва маънидод кунед: **Кӯҳу камар, теппаву ҷар, зарнигор, шамоли серун, лаклак, бол, шабзиндадор, кӯҳи пахта, деҳаи заррин.**

**Таъкид:** Ҳар як калима маъно дорад. Бе калимаҳо мо ҷумла сохта наметавонем. Калимаҳо аз ҳамдигар ҷудо навишта мешаванд.

**Машқи 2.** Чор мисраи шеъри «Тирамоҳ»-ро интихобан нависед ва аз ёд кунед.
**Супориш:**
1. Бо калимаҳои **шамол, тирамоҳ, зар, гул** ҷумлаҳо тартиб диҳед.
2. Феълҳоро ба замонҳо ҷудо карда нависед: **гуфт, омад, хонда истодааст, рафт, гуфтааст, хоҳад рафт, хоҳад хонд, хонда дод, рафта истодааст, буд, ҳаст.**

**Намуна:**

| Гузашта | Ҳозира | Оянда |
|---|---|---|
| гуфт | хонда истодааст | хоҳад рафт |

3. Имлои ин калимаҳоро машқ кунед: роҳ, раҳ, коҳ, каҳ, моҳ, маҳ, шоҳ, шаҳ.

**ҚОИДА:** Феъл дар нутқ чӣ аҳамият дорад?
1. Феъл дар нутқ амали ашёҳоро ифода мекунад.
2. Феълҳо замонҳоро муайян менамоянд.
3. Феъл амали иҷрошуда ё амали иҷронашударо мефаҳмонад.

## ДАРСҲОИ 17–18

### ДУ РАФИҚ

Ду рафиқ буданд, ки яке Салим ва дигаре Ғоним ном дошт. Дар роҳе мерафтанд ва манзилҳо тай мекарданд. Гузори онҳо ба доманаи кӯҳе афтод, ки қуллаи хеле баланд дошт. Дар поёни кӯҳ чашмаи мусаффое буд. Дар пеши чашма ҳавзи калоне ва гирдогирди он дарахтони соядор буданд.

Хулоса, он ду рафиқ аз дашти ҳавлнок ба он манзили пок расиданд. Азбаски ҷои хушу дилкаш диданд, ҷоро барои истироҳат интихоб карданд. Баъд аз дамгирӣ ба атрофи ҳавзу чашма ва ҳар сӯ назар меафканданд. Ногоҳ дар канори ҳавз, аз он сӯ, ки об меомад, санги сафеде диданд. Дар рӯи он санг бо хати сабз чунин навишта шуда буд: «Эй мусофир, ба ин манзил ки расидӣ, бидон, ки мо барои меҳмон беҳтарин хӯрданиҳо ҳозир кардаем. Вале шарт он аст, ки аз баҳри сари худ гузашта пой ба ин чашма бигузор ва аз хатари гирдобу ҳавли ғарқоб андеша накарда худро ба канор биандоз. Шереро, ки аз санг тарошида дар домани кӯҳ гузоштаанд, ба пушт бардошта беист, яъне наистода, давида худро ба болои кӯҳ бирасон. Чун ин роҳ тамом шуд, ба мақсади худ мерасӣ».

Баъд аз хондани ин хат Ғоним ба Салим нигоҳ карда гуфт:

– Эй бародар, биё, ки ба ин майдони мубориза дароем ва ин сирро ошкор созем.

Салим гуфт:

– Эй ёри азиз, баробари хондани ин хат, ки нависандаи он маълум нест, худро ба ин хатари калон рӯ ба рӯ кардан фоидае надорад ва далели нодонӣ аст.

Ғоним гуфт:

– Аз ин сухан даргузар, ки ман ба қавли касе аз роҳи худ барнагардам. Ман медонам, ки ту қуввати бо ман ҳамроҳӣ кардан надорӣ. Акнун тамошо кун ва ба мӯҳтоҷ ёрие бидеҳ.

Салим донист, ки рафиқашро аз ин роҳ гардонида намешавад. Пас боре, ки дошт, гирифта, бо ёри худ хайру хуш кард ва ба роҳ даромад.

Ғоним аз баҳри ҷони худ гузашта ба чашма қадами устувор гузошт. Аммо дилашро бақувват гирифта, бо шиноварӣ ба соҳили

мурод гузашт ва нафас гирифта, шери сангинро ба пушташ бардошт. Бо азоби бисёр, ба як давидан худро ба сари кӯҳ расонд.

Дар он тарафи кӯҳ шаҳри калоне дид, ки ҳавои хуш ва фазои дилкаш дошт. Ӯ ба ҷониби шаҳр назар мекард ва ногоҳ аз он шери сангин овози сахте баромад, ки ларза дар кӯҳу саҳро афтод. Он садо ба шаҳр расид ва мардуми бисёр аз ҳар тараф берун омаданд ва рӯй ба кӯҳ ниҳода ҷониби Ғоним меомаданд.

Ғоним ҳайрон шуд ва аз ҳуҷуми халқ ба тааҷҷуб омад. Ногоҳ ҷамъе бузургони шаҳр ба назди ӯ омада, одоби салому алейкро ба ҷо оварда ва бо илтимоси тамом Ғонимро ба маркаб савор карда ба шаҳр бурданд. Сару танашро бо атру гулоб шуста, ҷомаҳои шоҳӣ пӯшонданд. Ва ӯро бурда ба тахти подшоҳӣ шинонданд.

Ғоним ҳайрон шуда аз онҳо сабаби ин қадар ҳурмату эҳтиромро пурсон шуд.

Онҳо ҷавоб доданд, ки он коре, ки ту бо меҳнату машаққат анҷом додӣ, тилисме буд. Ту онро бо ҳиммату мардонагӣ шикастӣ ва натиҷааш ҳамин шуд, ки туро шоҳи мамлакати худамон интихоб кардем.

Мазмун аз китоби **«Калила ва Димна»**

**Луғат:**

***Манзилҳо*** – масофа, фосила, мобайни ду истгоҳ.
***Мусаффо*** – соф, равшан, беғубор, дурахшон.
***Назар меафканданд*** – нигоҳ мекарданд, менигаристанд.
***Андеша*** – фикру мулоҳиза, хаёл.
***Ҷониби шаҳр*** – тарафи шаҳр.
***Маркаб*** – ҳайвони саворӣ, хар.
***Қавли касе*** – сухани касе, гапи касе.
***Тааҷҷуб*** – ҳайрат, ҳайрон шудан.
***Меҳнат*** – мусибат, ранҷ, азоб, заҳмат.

## Савол ва супориш:

**1.** Матнро бодиққат хонед ва ба маънои он диққат диҳед.
**2.** Салим ва Ғоним ба куҷо мерафтанд?
**3.** Онҳо чӣ хел ҷоро барои худ интихоб карданд?
**4.** Дар канори об дар рӯи санг чӣ навишта шуда буд?
**5.** Ғоним ба Салим чӣ маслиҳат дод?
**6.** Оё Ғоним ба қавли Салим розӣ шуд?
**7.** Салим аз якравии рафиқаш ба чӣ хулоса омад?
**8.** Чаро мардумон якбора ба гирди Ғоним ҷамъ шуданд?

**9.** Ғоним аз дидани одамони бисёр чаро ҳайрон шуд?
**10.** Одамон ба Ғоним чӣ гуна муносибат карданд ва ӯро ба куҷо бурданд?
**11.** Чаро Ғоними диловарро ба тахти шоҳӣ шинонданд?
**12.** Матнро ҳар кадом якпорчагӣ хонед ва мазмунашро нақл кунед.
**Мақол:** То ранҷ набарӣ, ганҷ муяссар намешавад.

**Машқи 1.** Матнро пурра хонед ва мазмуни онро ҳикоя кунед.
Гӯед, ки куҷои матн ба шумо аз ҳама зиёдтар маъқул шуд.
Шумо ба рафтори боҷуръатонаи Ғоним чӣ баҳо медиҳед?
Ба рафтори Салим чӣ?
Мақоли болоро шарҳ диҳед.
**Машқи 2.** Сархати аввали матнро нависед.
**Машқи 3.** Калимаҳои **Салим, Ғоним, қулла, баланд, чашма** ва **дурахшон**-ро ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед. **Намуна:** ду-рах-шон.
**Машқи 4.** Луғатҳоро ба дафтар кӯчонед ва онҳоро дар хотир гиред.
**Супориш:** Сархати охири матнро аз назар гузаронед ва шуморед, ки дар он чанд калима мавҷуд аст.
**Хулоса аз матн:** Ҳар касе, ки ба иҷрои кори неке даст мезанад ва иродаашро мустаҳкам медорад, албатта ба мақсадаш мерасад. Барои ин аз ранҷу азоб ва хатар тарсидан лозим нест.

## ДАРСҲОИ 19–20

### ИМЛОИ САНҶИШ

### НОНРЕЗА

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Нони гарми меҳнатиро дида мемолам ба чашм.

Чунки ман ҳам дар замони худ даравгар будаам,
Хӯшачину боғбанду дос дар бар будаам.

Гӯш мекардам суруди марди хирманкӯбро,
Мешунидам зарбҳои говрона чӯбро.

Побараҳна, дилгурусна сар-сари кӯҳу адир,
Хӯрҷин дар китф мегаштам чу як марди фақир.

Рӯзу шаб чун коҳҳои монда дар саҳро будам,
Дар парешонӣ чу боди бесару бепо будам.

Нонвои шаҳр меояд кунун дар пушти дар,
Нони гарми хешро бардошта вақти саҳар.

Кӯчаҳоро пур кунад аз бӯи нони ширмол,
Пур кунад хони арӯсон дар шаби тӯи висол.

Хӯшаҳо дар киштаҳо вақте ки сар хам мекунанд,
Шодию хурсандии хурду калон зам мекунанд.

Аз замин нонрезаҳоро чида мемолам ба чашм,
Дидаву санҷидаву болида мемолам ба чашм.

**Мирзо Турсунзода**

**Савол ва супориш:**

1. Нонреза гуфта чиро мегӯем?
2. Оё резаи нон ё нонмайдаро ба ҳар ҷо партофтану резондан мумкин аст?
3. Мазмуни шеър кадом давраҳоро дар бар гирифтааст?
4. Шоир Турсунзода дар ҷавониаш ба чӣ кор машғул будааст?
5. Оё ба шумо ҳам бӯи нони гарм лаззатбахш аст, чаро?
6. Шеърро хонед ва чанд мисраи онро интихобан аз ёд кунед.
7. Ду мисраи аввали шеърро шарҳ диҳед.

**Дар хотир гиред!**

1. Калимаҳо аз якдигар ҷудо навишта мешаванд.
2. Гуфтугӯи мо аз калимаҳо иборат аст.
3. Калимаҳо аз овозҳои садонок ва ҳамсадо ташкил меёбанд.

**Супориш:**

1. Калимаи «нонреза»-ро аввал ба ҳиҷоҳо ҷудо намуда, баъд ҳамсадо ва садонок будани овозҳоро муайян кунед.

**Намуна:** Сир – с-и-р.

2. Байтбарак ташкил кунед.
3. Даҳтогӣ калима нависед.

## ДАРСҲОИ 21–22

# ҲУНАР

Буд-набуд як мӯрча буд, як мӯрчаи ноороми меҳнатдӯст буд. Рӯзе каргасе дид, ки он мӯрча як дона гандумро кашола карда бурда истодааст, аз худаш калон. «Мӯрча зӯр, ба вай қоил шудан даркор» – аз дил гузаронд каргас. Баъд ин фикрашро ба мӯрча гуфту илова кард:

– Ман ҳам беҳунар не. Ман як дона арзанро аз як фарсанг мебинам, чашмонам ҳамин қадар тез.

– Як фарсанг чӣ қадар дур, бовариам намеояд, – гуфт мӯрча.

– Бовар намекунӣ? – гуфт каргас бо ифтихор.

– Бовар кардан душвор, – гуфт мӯрча.

– Ба болам бишин, туро ба осмон бароварда, ҳунарамро нишон медиҳам! – пешниҳод кард каргас. Каргас ҳафт фарсанг боло баромаду аз авҷи осмон ба поён, ба ҳар тараф назар карда, ба як нуқта чашм андохта гуфт:

– Ҳу, дар зери он бутта нонреза менамояд.

Мӯрча ба поён назар кард, нонреза он тараф истад, ҳатто буттаро надид.

Каргас бошиддат поён фаромада, аз зери бутта нонрезаро мегирам гуфта буд, ки фарёдаш баромад.

– Ба ту чӣ шуд? – пурсид мӯрча.

– Ба дом афтодам! – гуфт каргас.

– Дар ин зиндагӣ фақат донаро не, домро ҳам дидан даркор, – гуфта мӯрча аз болои қаноти каргас фаромад, – донаро дидану домро надидан, ҳунар, не, – гуфт мӯрча.

**Луғат:**

***Фарсанг*** – масофа баробари шаш километр.

***Дом*** – ҳалқа барои дастгир кардани парандагон.

### Савол ва супориш:

**1.** Матнро хонед.

**2.** Мӯрча чӣ ҳунари фавқулоддае дорад?

**3.** Чаро каргас ба зӯрии мӯрча қоил шуд?

4. Каргас ба мӯрча кадом ҳунарашро таъриф кард?
5. Каргас мӯрчаро ба болаш шинонда чӣ кор кард?
6. Баъд ба каргас чӣ ҳодиса рӯй дод?
7. Мӯрча ба каргас чӣ гуфт?
8. Мазмуни афсонаро нақл кунед.

**Луғат:**
***Фавқулодда*** – ғайриоддӣ.

**Машқи 1.** Сарҳати аввали матнро нависед.
**Супориш:** Аз ҷумлаҳои навиштаатон суханони каргасро такроран хонед.
**Машқи 2.** Хонед: **мӯрча, каргас, гандум, дил, ҳунар, арзан, фарсанг**.

Ин калимаҳо ба саволи чӣ? ҷавоб мешаванд. Пас ин калимаҳо исм мебошанд.

**Машқи 3.** Калимаҳои машқи 2-юмро нависед.
**Супориш:**
1. Бо калимаҳои мӯрча ва каргас 1-тогӣ ҷумла тартиб диҳед.
2. Калимаҳои мӯрча ва каргасро ба ҳиссаҳо ҷудо кунед.

## ДАРСҲОИ 23–24

### ЧИЛУЧАҲОР ЧАШМА

Чилучаҳор чашма,
Чашми ҳазор чашма,
Дар синаи биёбон,
Ҷӯшад қатор чашма.
Обаш зулол бошад,
Кавсармисол бошад,
Он беди пир гӯё,
Ғарқи хаёл бошад.
Печида ҳамчу отанг,
Дар гирди решаю санг.
Морон чу ишқи печон,
Бо сад ҷило, ба сад ранг.
Садсола моҳиён бин,
Ҳар сӯ шинокунон бин.
Романду нон бигиранд
Аз дасти одамон бин.
Пирони солдида,
Бо қомати хамида.
Чун нӯшдоруи умр,
Оби варо чашида.
Савти рубоб ояд,
Бӯи кабоб ояд,

Базми арӯсу домод,
Дил дар рикоб ояд.
Чилучаҳор чашма,
Чашми ҳазор чашма.
Дар синаи биёбон,
Ҷӯшад қатор чашма.

**Ҳабибулло Файзулло**

**Луғат:**

***Оби зулол*** – оби соф, оби мусаффо.
***Ҷило*** – равшан, тоза, покшуда.
***Оби вафо*** – оби шифобахш, ҷонбахш.
***Рикоб*** – узангу, ки барои аспсаворӣ зарур аст.
***Отанг*** – навдаҳое, ки бо онҳо юғро ба гардани говон мебанданд.
***Кавсармисол*** – мисли оби кавсари биҳиштӣ.
***Варо*** – вайро, онро.
***Савти рубоб*** – овози рубоб, садои рубоб.

**Савол ва супориш:**

**1.** Шеърро хонед.
**2.** Чор мисраи аввалро хонед ва шуморед, ки чанд калима истифода шудааст.
**3.** Калимаи **чашма** аз чанд ҳарф иборат аст?
**4.** Оё дар ҷои зисти шумоён ҳам чашма вуҷуд дорад ва он чӣ ном дорад?

**Машқи 1.** Ҳашт мисраи аввали шеърро нависед ва калимаҳои бароятон ношиносро аз муаллим бипурсед.
**Супориш:** Калимаи **чашма**-ро ба ҳиҷо ҷудо кунед ва ҳарфҳои ин калимаро шуморед, ки чандтоянд?
**Машқи 2.** Ба тавсифи табиати маҳали худ ва обу ҳавои он ҳикояча нависед.
**Машқи 3.** Шеъри «Чилучаҳор чашма»-ро такроран хонед.
Шеърро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 25–26

## КИШВАРИ МО – ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН
## ДУШАНБЕ – ПОЙТАХТИ ОН

## БО ВАТАН ЗИНДАЕМ

Тоҷикон яке аз халқҳои қадимтарини Осиёи Миёна ба ҳисоб меравanд. Онҳо ҳамеша сулҳу амониро мехостанд ва ҳеҷ гоҳ ба

мулки халқи дигаре ҳуҷум накардаанд ва лашкар накашидаанд. Лекин ба сари халқи тоҷик ҳар вақт душманон ҳамла меоварданд ва зулму ғорат менамуданд. Бо вуҷуди ин авлодони мо ватани худро муҳофизат менамуданд.

Аҷдодони мо доимо барои ҳифзи ватани худ мубориза мебурдаанд, баҳри он ҷони худро фидо мекардаанд ва барои ҳамин ҳам то ба имрӯз замин, урфу одат ва расму оинҳои худро аз даст надодаанд. Тоҷикистон ватани асосии мо ва зодгоҳи мост. Барои ин мо бояд кӯшиш кунем, ки вай боз ҳам ободтару зеботар гардад.

Кунун мардуми тоҷик соҳиби обу замини бобоии худ аст.

**Бозор Боронов**

**Хонед:**
«Илм омӯхтан дар хурдӣ нақшест бар санг, ки абадӣ мемонад».

### Савол ва супориш:

1. Тоҷикон чӣ гуна халқ будаанд?
2. Авлодони мо баҳри ҳифзи Ватан чӣ гуна мубориза мебурдаанд?
3. Матнро хонед ва ба саволҳои боло ҷавоб диҳед.
4. Исмҳои дар расмҳо тасвиршударо номбар кунед.





**Машқи 1.** Расмҳоро аз назар гузаронед ва дар бораи онҳо дидаю шунидаатонро нақл кунед.
**Супориш:** Яке аз сархати матнро интихобан нависед.
**Машқи 2.** Дар бораи ватанамон Тоҷикистон ва пойтахти он шаҳри Душанбе дар ҳаҷми се-чор ҷумла мақолачае бинависед.
**Супориш:** Ба ин калимаҳо саволи кӣ?, чӣ? гузоред: **тоҷик, Душанбе, Тоҷикистон, сулҳ, халқ, душман, ҳамла, ғорат, зулм, муҳофизат**.

**Намуна:** тоҷик – кӣ?, Душанбе – чӣ?

**Машқи 3.** Ҷумлаҳои зеринро нависед:
Ватани мо Тоҷикистон аст. Пойтахти ватани азизамон шаҳри Душанбе мебошад. Мо ватанамонро хеле дӯст медорем ва пойтахти онро ба гулшаҳр табдил медиҳем.

## ДАРСҲОИ 27–28

### ТАРТИБИ РӮЗ

I

Аз бобоям боре шунида будам, ки мегуфтанд: ҳар касе, ки аз рӯи реҷа кор мекунад, рӯзаш бобаракат мегардад, ҳамаи корҳои ба нақша гирифтаашро дар вақташ иҷро менамояд ва барои корҳои дигар фурсат меёбад. Реҷаи рӯз кори одамро ба назм меорад.

Барои санҷидани дурустии суханҳои бобоям бо ёрии апаам бароям реҷаи рӯз тартиб додам. Тартиби кори ман дар давоми рӯз чунин аст:

Соати ҳафти субҳ аз хоб бармехезам, бафурсат варзиш мекунам. Дасту рӯй мешӯям, нонушта мекунам ва ба кӯча барои бозӣ меравам. Ин вақт додарам ба боғча, хоҳарам ба мактаб, апаам ба кор мераванд. Лекин ман саросема намешавам.

Ба корҳои хона ёрӣ мерасонам.

Дарс тайёр мекунам.

Пас аз хӯрок хӯрдан либосҳои мактабиамро пӯшида сӯи мактаб меравам.

Рӯз кайҳо нисф шудааст. Бачаҳо чор-панҷ соат хондаанд. Лекин ман осудаам. Барои он ки тартиби рӯз дорам ва дар басти дуввум мехонам!

### Савол ва супориш:

1. Талаба аз бобояш чиро шунида буд?
2. Ӯ барои санҷидани суханҳои бобояш чӣ кор кард?
3. Оё суханҳои бобояш, дуруст баромаданд?
4. Киро бачаи батартиб мегӯянд?
5. Фоидаи саҳархезӣ дар чист?
6. Шумо тартиби рӯз доред?
7. Ба тартиби рӯз риоя кунед.
8. Реҷаи рӯзро хонед ва дар хотир гиред.

## МАН ЧӢ ХЕЛ САҲАРХЕЗ ШУДАМ

II

Мо хурӯсу мурғи бисёр дорем. Хурӯсҳо ҳанӯз субҳ надамида баланд-баланд бонг мезананду касро аз хоби ширин бедор мекунанд. Ман аввалҳо бо онҳо қаҳрӣ будам. Ҳамин ки бонг заданд, аз ҷойгаҳам бархеста онҳоро пеш мекардаму боз ба таги кӯрпа медаромадам. Ман, ки пешинхонам, мехостам, боз андаке бихобам. Лекин хурӯсҳои саҳархез гӯё аз ин нияти ман огоҳ буданд, аз саҳарии барвақт чеғ мезаданду маро хоб рафтан намемонданд. Сарамро ба кӯрпа мепечонидам, ки овозашонро нашунавам. Ин ҳам кор намедод. Ман ночор аз ҷои хоб мехестам, чунки агар хеста ҷойгаҳамро нағундорам, онҳо ба ҳолам намемонданд.



Ҳамин тавр, ман ҳам мисли онҳо саҳархез шудам.

Саҳархезӣ файзи хубе доштааст. Ба ҳама кор вақт мерасад. Ба корҳои хона ёрӣ медиҳам ва аз ҳама асосиаш дарсамро сари вақт тайёр мекунам.

## ЧИСТОН

Пастак духтарак,
Пасту баландак духтарак,
Пӯпак дар сарашу
Кӯчагардак духтарак. (м . . ғ)

### Савол ва супориш:

**1.** Одамонро субҳ чӣ бедор мекунад?
**2.** Саҳархезӣ чӣ аҳамият дорад?
**3.** Чаро саҳархезӣ файз доштааст?
**4.** Ба саҳархезӣ одат кунед.
**5.** Расмро аз назар гузаронед ва ба исмҳои ҷинс саволи чӣ? гузоред.

**Машқи 1.** Панҷ ҷумлаи сархати аввали матни «Ман чӣ хел саҳархез шудам»-ро нависед. Исмҳои ҷумлаҳоро номбар кунед ва ба онҳо савол гузоред.

**Намуна:** чӣ? – хурӯс, чӣ? – мурғ, ...

**ҚОИДА:** Исмҳо хос ва ҷинс мешаванд.
Исмҳои ҷинс бо ҳарфи хурд навишта мешаванд.
Исмҳои хос бо ҳарфи калон навишта мешаванд.
**Мисол:** **Номи одамон:** Маҳмуд, Мунира, Савригул.
**Номи шаҳрҳо:** Душанбе, Хуҷанд, Кӯлоб.
**Номи дарёҳо:** Вахш, Панҷ, Сир.

**Машқи 2.** Ба исмҳои хос ва исмҳои ҷинс мисолҳо фикр карда нависед.
**1.** Исмҳои хос: Собир, ...
**2.** Исмҳои ҷинс: об, ...
**Ҳусни хат**: Ду сархати аввали матни «Тартиби рӯз»-ро хушхат нависед.

## ДАРСҲОИ 29–30

### БАРОДАРИ ЗИРАК
### (Афсонаи мардуми Комӣ)

Се бародар дар бешазор шикор мекарданд. Сайди зиёде гирифтанду хостанд, ки дар назди гулхан осоянд. Ҳезум ғундоштанду гулхан соз карданд. Аммо оташ надоштанд.

Яке аз бародарон ба бародари хурдӣ гуфт:

– Додарҷон, ба дарахте барою бингар, шояд дар ягон ҷо оташе намояд?

Бародари хурдӣ ба дарахти санавбар баромад. Дид, ки дар як канори беша гулхан фурӯзон аст.

Барои оташ бародари калонӣ рафт. Назди гулхан рафту дид, ки пири хашмгине нишастааст.

– Бобо, ба ман оташ бидеҳ.

– Дурӯғ бигӯ, то оташ диҳам.

– Ман дурӯғ гуфта наметавонам.

Пас барои оташ бародари миёна рафт.

– Бобо, ба ман оташ бидеҳ.

– Дурӯғе бигӯ, то оташ бидиҳам.

– Ман дурӯғ гуфта наметавонам.

Ниҳоят, барои оташ бародари хурдӣ рафт.

– Бобо, ба ман оташ бидеҳ.

– Дурӯғе бигӯ, то оташ диҳам.

Бародари хурдӣ дурӯғгӯӣ оғоз кард:

– Боре мо дарахти санавбар шинондем. Дарахт сабзиду то худи осмон расид. Ман ба он часпида то осмон баромадам. Хостам, ки фароям, ногоҳ дарахти санавбар ғайб зад. Ман дар осмон чӣ кор мекардам? Ба замин фаромадам. Фаромадаму фаромадам, ҳеҷ не, ки то замин расам. Чӣ бояд кард? Бинам, ки деҳқоне дар хирманҷой гандум бод мекунад. Коҳрезаҳоро дошта, аз онҳо ресмон бофтаму поён фаромадан гирифтам. Аммо то ба замин нарасидам. Чӣ илоҷ? Он гоҳ ҷаҳидаму ба шибар афтодам. Турнае омаду ба сарам лона гузошт. Ман аз пои турна доштам. Ӯ якбора париду пояш дар дасти ман монд. Он гоҳ ба шибарзор ту омадӣ. Ман аз пои ту доштаму аз шибар баромадам...

– Нодуруст, – бурид сухани ӯро мӯйсафед, – туро ман набаровардаам!

– Ана, – гуфт бародари хурдӣ, – ба даст афтодӣ! Акнун оташ бидеҳ.

**Тарҷумаи А. Ғаффоров**

## ЧИСТОН

Очааш як газ,
Бачааш чил газ? (оташу д . д)

**Луғат:**
***Комӣ*** – номи кишваре дар Русия.
***Шибар*** – замини сербуттаи намнок.

**Савол ва супориш:**

**1.** Се бародар дар куҷо шикор мекарданд?
**2.** Онҳо барои афрӯхтани гулхан чӣ надоштанд?
**3.** Бародари хурдӣ аз болои дарахт чиро дид?
**4.** Кӣ барои оташ ба назди пири хашмгин рафт?
**5.** Пири бадқаҳр ба бародарон чӣ шарте гузошт?
**6.** Шартро кӣ бурд?
**7.** Афсонаро хонед, мазмунашро нақл кунед.
**8.** Мақоли «Зарур бошад, раво бошад»-ро эзоҳ диҳед.

**Машқи 1.** Се сархати аввали матнро нависед ва исмҳояшро муайян кунед.
**Намуна:** Бародар, бешазор, шикор, ...

**Машқи 2.**
**1.** Ба исмҳои ҷинс мисолҳо нависед.
**Намуна:** хок, санг, ...
**2.** Ба исмҳои хос мисолҳо оред.
**Намуна:** Салим, Саид, Хатлон, ...
**3.** Ба исмҳои навиштаатон саволҳо гузоред.
**Намуна:** Салим – кӣ? хок – чӣ?

**Машқи 3.** Исмҳои зеринро ба хелҳо (танҳо, ҷамъ) – ҷудо карда баъд ба сутунчаҳои алоҳида нависед: **Саид, Комил, хона, хонаҳо, шаҳр, кӯчаҳо, китобҳо, рафиқ, дафтарҳо, шиша, қалам**.

**Дар хотир гиред!**
**1.** Исмҳои ҷамъ аксар ба исми танҳо ҳамроҳ кардани пасвандҳои -ҳо, -вон, -гон сохта мешаванд. Мисол: **мева – меваҳо, хона – хонаҳо, талаба – талабагон, оҳу – оҳувон, бозу – бозувон.**
**2.** Исмҳои танҳо бе пасванд меоянд. Мисол: тиреза, дар, девор, фарш, тахта, миз, курсӣ.
Агар ба исмҳои зерин пасвандҳои –ӣ, – гӣ – ворӣ илова кунем, ин калимаҳо ба сифат табдил меёбанд: **кор + ӣ – корӣ, хона + гӣ –**

**хонагӣ, хӯрок + ворӣ – хӯроквориӣ.** Мисол: либоси корӣ (чӣ хел либос), мурғи хонагӣ (чӣ гуна мурғ?), мағозаи хӯроквориӣ (чӣ хел мағоза?).

## ДАРСҲОИ 31–32

### КАДУ, КАДУ
### (Афсонаи халқӣ)

Буд-набуд як марди мӯйсафед буд. Вай як писараки доною далер дошт. Писарак ҳар рӯз ба кӯҳу дашту ҷангал рафта, шикор карда меомад.

Рӯзе рафта истода буд, ки аз пешаш як шағол баромад. Шағол чашмонашро бозӣ доронда, гӯшашро сих карда, думашро ҷунбонда, пеши вай омада гуфт:

– Ҳой бача, ман туро мехӯрам!

– Маро мехӯрӣ? Намебинӣ, ман як бачаи лоғар, гӯшти дуруст надорам, ки шикамат сер шавад, ман ҳозир рафта кабку мурғ шикор карда меоям, ҳамроҳ кайф карда мехӯрем, – гуфт писарак.

Шағол розӣ шуд. Писарак рафта истода буд, ки аз пешаш як гурги гурусна баромад. Гург чашмонашро ало-було карда, дандонҳои тезашро нишон дода, пеши писарак омада гуфт:

– Ҳой бача, тайёр шав, ман туро ҳозир мехӯрам!

– Эй нодон, маро хӯрда чӣ баҳра мебарӣ?! – на шикамат сер мешаваду на димоғат чоқ. Намебинӣ ман пӯсту устухон. Ҳозир мурғу кабку бузу барра шикор карда, гашта меоям, ҳар дуямон кайф карда мехӯрем.

Гург розӣ шуд, писарак ба роҳаш рафт. Рафта истода буд, ки аз пешаш ғурридаю панҷаҳояшро кушода, дандонҳояшро ғиҷиррос занонда, як шери бадҳайбат баромада гуфт:

– Ҳой бача, ман туро мехӯрам!

– Эй подшоҳи ҳайвонҳо, маро хӯрда чӣ кор мекунӣ! Ман як бачаи хурди харобак. Маро мон, рафта кабку мурғу бузу гӯсфанди думбакалон шикор карда гашта меоям, ҳар дуямон мазза карда мехӯрем.

Шер ҳам ӯро ҷавоб дод. Писарак рафта кабку мурғу бедона шикор карду дар бозгашт ба як боғ даромада дид, ки кадуҳои калон-калон пухта зард шуда хоб кардаанд. Даррав як кадуро гирифта тоза карду ба дарунаш даромада, як ғел зада аз боғ баромад ва ҳамин хел ғелон-ғелон рафтан гирифт. Рафта истода буд, ки аз пешаш мӯйҳояшро сих карда, шери бадқаҳр баромада пурсид:

– Каду, каду!

– Ҷони каду!

– Бачаро надидӣ, каду?

– Дарди каду, балои каду, бачаро кай дидааст каду! – гуфта писарак, ғелон-ғелон ба роҳаш рафтан гирифт. Рафта истода дид, ки гурги гурусна дандонҳояшро шақарросзанон поида нишастааст.

Вай кадуро дида пурсид:

– Каду, каду!

– Ҷони каду!

– Бачаро надидӣ, каду?

– Дарди каду, балои каду, бачаро кай дидааст каду! – гуфта боз ғелон-ғелон ба роҳаш рафтан гирифт. Қариб ба хонааш рафта расида буд, ки шағол вохӯрд. Шағол думашро ҷунбонда, оби даҳонашро равонда, ба умеди мурғу кабк нишаста буд. Вай кадуро дида пурсид:

– Каду, каду!

– Ҷони каду!

– Бачаро надидӣ, каду?

– Дарди каду, балои каду, бачаро кай дидааст каду! – гуфта писарак ғелон-ғелон ба хонаашон омаду кадуро ду бӯлак карда аз дарунаш баромаду шоду хуррам зиндагӣ карда гашт.

### Савол ва супориш:

**1.** Афсонаро оҳистаю бомулоҳиза хонед.
**2.** Мӯйсафед чӣ гуна писарак доштааст?
**3.** Писараки чаққону доно бо кадом ҳайвонҳои ваҳшӣ вомехӯрад ва ба онҳо чӣ ваъда мекунад?
**4.** Дар охир ӯ чӣ тадбир меҷӯяд ва ҳайвонҳоро (шағол, гург, шер) чӣ гуна фиреб медиҳад?

**5.** Далерию доноии писаракро чӣ тавр баҳо медиҳед?
**6.** Агар шумо ба ҷои писарак мешудед, чӣ кор мекардед?
**7.** Афсона будани ин матнро аз чӣ муайян мекунем?
**8.** Аз мазмуни афсона истифода бурда саҳнача гузоред.

**Иштирокчиён:**
**1.** Баранда, мӯйсафед, ...

**Супориш:** Ду сархати аввали матнро нависед, феълҳоро муайян созед.
**Машқи 1.** Ба саволҳо ҷавоб гардонед:
**1.** Ҳайвонҳо бо дӯғу пӯписа ба писарак чӣ хитоб карданд?
**2.** Писарак ба онҳо чӣ ҷавоб гардонд?
**3.** Кадом лаҳзаи афсона ба шумо бисёртар писанд омад?
**Машқи 2.** Бо истифода аз калимаҳои **шер, шағол, гург** яктогӣ ҷумла тартиб диҳед, нависед ва ба зери исмҳо хат кашед.

**Намуна:** Шер шоҳи ҳайвонот мебошад.

**Супориш:** Ба исмҳои ишорашуда саволҳои мувофиқ гузоред.

**Намуна:** Шер – чӣ?, ...

**Фаромӯш накунед:**
Исмҳо ба саволҳои кӣ?, чӣ?, киҳо?, чиҳо? ҷавоб мешаванд.
**Супориш:** Аз матн феълҳоро ёфта ба онҳо саволи мувофиқ гузоред.

**Намуна:** Гуфт: – чӣ кор кард?

## ДАРСҲОИ 33–34

## ДАЪВОГАРИ СУСТ

### I

Мо боғча дорем, ки онро аз тарафи кӯчаи калон панҷараи пасте ҷудо мекунад. Дар ин боғча олуболу, биҳиву... себ барин дарахтҳои мевадор ва маҷнунбед барин дарахтони сояафкан дорем. Вақтҳои охир дар боғи мо сагчае пайдо шуд, ки рӯзона дар байни буттаю шоххо пинҳон шуда хоб мекунад. Ҳамин ки шаб торик гашту дар кӯча одам намонд, аз паноҳгоҳи худ баромада ба ҳама эълон мекунад, ки вай соҳиб ва молики ин боғча ва ин маҳалла аст, ҳеҷ кас ҳақ надорад, ки ба ин ҷо дароянд ва гирди ин ҷо гаштугузор кунад! Агар саге ё касе аз кӯча бигзарад, бо

тамоми овоз фарёд карда, ба раҳгузар таҳдид мекунад ва соҳиби боғу замин будани худро фаҳмонданӣ мешавад. Рафту агар аз кӯча мошине гузарад, аз ин сари боғча то он сараш фарёдкунон медавад. Ҳатто аз сӯрохии панҷара ба кӯча тохта баромада, аккос мезанад. Мошин, ки «гурехта» рафт, ба рафиқаш (саги ҳамсояи мо) мағрурона мегӯяд:

– Дидӣ, аз ман одам ҳам метарсад, мошин ҳам метарсад! Лекин аз чӣ бошад, ки гурбаҳои ҳавлӣ маро писанд намекунанд. Гар дарафтоданӣ шавам, бо ханҷолашон мехарошанд.

Сагчаи ҳамсоя, ки ҳамқадубари вай аст, аз ин гапи ӯ механдад ва мегӯяд:

– Онҳо гурбаҳои хонагӣ не, гурбаҳои ваҳшӣ. Ба онҳо кордор нашав, чашматро канда гирифтанашон мумкин...

## II

Боре сагчаи боғчаи мо аз кӯчаи калон гузаштани саги посбонро дида, дарқаҳр мешавад ва ҳатто аз пои саги посбон газиданӣ мешавад. Ин номаъқулии ӯро дида саги посбон дар ғазаб мешавад. Баргашта аз миёни ӯ газида бардошта мепартояд. Сагча чингосзанон доду фарёд карда мегурезаду ба боғчаи худ медароянд. Дар он ҳол саги посбон мегӯяд:

– Аҳмақи нодон, хуб ҷазота дидӣ?!

– Ин боғчаи ман, кӯчаи ман, ин ҷои ман! – мегӯяд гиряолуд сагча. – Ҳеҷ, кас ҳақ надорад, ки шабона дар ин ҷо гардиш кунад!

– Номаъқул кардӣ! – мегӯяд саги посбон. – Худи ту кистӣ, ки ин даъворо мекунӣ?

– Ман... Ман... Ман, – мегӯяду сагча хомӯш мемонад, чӣ гуфтанашро намедонад.



– Ту, тирронча, – мегӯяд саги посбон, – аввал вазифаи худатро дон, кӣ буданатро фаҳм, баъд даъво карда хез! Дар ин ҷо бекора хоб карда, ман-манӣ накун!

– Ту чӣ кор мекунӣ? – мепурсад сагча.

– Ман посбонӣ мекунам, – мегӯяд саги калон. – Ман ба соҳибам мадад мерасонам, ман нағзро аз бад ҷудо карда метавонам, беҳуда овоз баланд намекунам, беҳуда абар-абар намекунам... Лекин агар лозим шавад, хизматамро бекамукост адо менамоям.

Инро шунида сагча ба худ мегӯяд, ки ман ҳам бояд ҳамин тавр шавам.

**Ҷалол Икромӣ**

## ЧИСТОН

Рафта-рафта сабад барин ҷойро гирифта мехобад. (с . г)

### Савол ва супориш:

1. Ҳикояро хонед, ба саволҳо ҷавоб ёбед.
2. Дар боғча кадом хел меваҳо мавҷуданд?
3. Сагча боғчаро чӣ мекард?
4. Чаро гурбаҳо сагчаро писанд намекарданд?
5. Сагча аз саги посбон чиро мепурсад ва чӣ ҷавоб мегирад?
6. Мазмуни матнро ҳикоя кунед.

**Машқи 1.** Матнро аз назар гузаронед ва исмҳои ҷамъро навишта гиред.

**Намуна:** дарахтҳо, дарахтон, ...

**Машқи 2.** Панҷ ҷумлаи аввали матнро нависед ва ба зери исмҳои танҳо хат кашед.

**Намуна**: Боғча, кӯча, панҷара, ...

**Машқи 3.** Расмро аз назар гузаронед ва номи ашёҳои ҷондору беҷонро нависед.

**Намуна:** Хонача – исми чинс, ...

**Супориш:** Исмҳоеро фикр карда нависед, ки дар охирашон пасвандҳои -он, -ҳо дошта бошанд.

**Намуна:** Одамон, хоҳарон, дафтарҳо, ...

## ДАРСҲОИ 35–36

## БАЧАҲОИ АЗИЗ!

Одам барои чӣ офарида шудааст? Одам барои он офарида шудааст, ки дар зиндагӣ ба мардум некӣ кунад. Зеро касе, ки ба мардум некӣ мекунад, дар ҷавобаш, албатта, некӣ мебинад. Шайх Аттор дар эҷодиёти худ ба моён панду насиҳатҳои зиёде додааст ва моро ба ростию ростгӯӣ ҳидоят кардааст:

## АҚЛ ДОРӢ, МАЙЛИ БАДКОРӢ МАКУН

Эй бародар гар хирад дорӣ тамом,
Нарму ширин гӯй бо мардум калом.
Ҳар кӣ бошад талхгӯю тундхӯй,
Дӯстон аз вай бигардонанд рӯй.
Ҳар киро ранҷондаӣ узраш бихоҳ,
То набошад хасми ту дар арсагоҳ.
Ақл дорӣ, майли бадкорӣ макун,
З-ин чу бигзаштӣ, сабуксорӣ макун.
Дар насиҳат он, ки напзирад сухун,
Бо чунин кас панди кас зоеъ макун!
Қуввати некӣ надорӣ, бад макун,
Бар вуҷуди худ ситам беҳад макун.
Рав забон аз ғайбати мардум бубанд,
То набинӣ дасту пои худ ба банд.
Ҳар кӣ дорад донишу ақлу тамиз,
Аҳли илму ҳилмро дорад азиз!

**Фаридуддини Аттор**

**Луғат:**
***Хирад*** – ақл, хуш, зеҳн.
***Арса*** – майдон, саҳро.
***Ҳилм*** – нармдилӣ, мулоимат.
***Ситам*** – ҷабр.

### Савол ва супориш:

**1.** Матнро бодиққат хонед.
**2. Нарму ширин сухан гуфтан ба мардум** чӣ маънӣ дорад?
**3.** Чаро аз шахси **талхгӯю тундмизоҷ** одамон рӯй мегардонанд?
**4.** Барои чӣ одамон шахсони **донишманду меҳрубонро** эҳтиром мекунанд?

**Таъкид:**
**1.** Ҳар кӣ ақл дошта бошад, набояд бадӣ кунад.
**2.** Ба насиҳатношунав беҳуда насиҳат накун.
**3.** Агар тавонӣ, некӣ кун ва агар натавонӣ, бадӣ макун.
**4.** Забонро аз ғайбати мардум бубанд.

**Машқи 1.** Матнро хонед ва шаш мисраи онро интихобан шарҳ диҳед.
**Машқи 2.** Аз матн даҳ исми танҳоро ҷудо карда нависед ва ба онҳо саволи мувофиқ гузоред.
**Намуна:** Бародар – кӣ?, хирад – чӣ?, мардум – кӣ?, ...
**Машқи 3.** Луғатҳоро нависед ва дар хотир нигоҳ доред.

## ДАРСҲОИ 37–38

## ПАНД

Писари калонии муаллим Маъсумӣ – Фарҳод чанд гоҳе бо бачаҳои дарсгурези кӯчагард ҳамроҳ шуда, ду-се рӯз ба дарс нарафтаасту устод бехабар. Роҳбарияти мактаб дар маҷлиси падару модарон аз ҷумлаи шогирдони беинтизому дарсгурез писари эшонро низ ном мебарад.

Бегоҳ муаллим бо табъи хира ба хона омада, ғайри одати муқаррарӣ тановули таомро рад карданд ва ману Фарҳодро ба утоқи корашон хонданд.

Фарҳод, ки гуноҳашро медонист, ҳайкалвор хомӯш истода, ба суханҳои тунду таҳдидомези муаллим гӯш медод ва ҳар замон тавба мекарду ваъда медод, ки дигар ин амал такрор намешавад.

Аз тавбаву тазарруи ӯ оташи хашми устод каме паст шуда, ба насиҳат гузаштанд:

– Писарам, ба ту чӣ намерасад? Макони зист, сару либос, асбоби хониш, падару модар дорӣ, аз маводи хӯрок танқисӣ намекашӣ. Ба ин акоят (маро бо ангушт нишон дода) нигар, на ҷои хоб дошту на рӯзгори хуш, танҳо бо меҳнати ҳалолаш рӯз мегузаронад, хубу аъло мехонад. Оё ин ба ту ибрат шуда наметавонад?

Аз ин суханони устод шердил шуда, инони насиҳатро ба даст гирифтам. Ба Фарҳод рӯ оварда бисёр «панду насиҳат» додам ва дар охир ба рӯи муаллим нигариста бо тафохур гуфтам, ки агар ман ту барин падар медоштам, фақат бо баҳои аъло мехондам!

– Муаллим миёни сухани моро бурида бо овози баланд:

– Э, бародар агар ҳамин хел хонаву дар ва чунин падар медоштӣ, ту ҳам намехондӣ, гӯён хандидаду афзуданд:

– Рафтем, хӯроки шом мехӯрем.

– Устод муддатҳои тӯлонӣ ин воқеаро ба хотир оварда механдиданд.

**Собири Шоҳонӣ**

## Луғат:

***Эшон*** – ӯ, вай.
***Тавбаву тазаррӯъ*** – тавбаву илтиҷо.
***Амал*** – кор.
***Носеҳона*** – насиҳатомез.
***Тафохур*** – фахр.
***Тановули таом*** – хӯрдани таом.
***Танқисӣ*** – камӣ, камбудӣ.
***Инон*** – лаҷом.
***Тӯлонӣ*** – дуру дароз.

## Савол ва супориш:

**1.** Фарҳод бо чӣ гуна бачаҳо ҳамроҳ шуда буд?
**2.** Писари Маъсумиро ба қатори кадом бачаҳо ном бурдаанд?
**3.** Муаллим Маъсумӣ чаро ба хона бо табъи хира омад ва аз хӯрокхӯрӣ ҳам даст кашид?
**4.** Ҳамдарси Фарҳод илова ба суханони устод Маъсумӣ чӣ гуфт?

**Таъкид:** Бачаҳо, ҳеҷ гоҳ бо дарсгурезон ҳамроҳ нашавед, ки бисёр зарар мебинед ва пушаймон мешавед.

**Машқи 1.** Аз матн исмҳои хос ва панҷ исми ҷинсро навишта ба онҳо савол гузоред.

**Машқи 2.** Сархати чоруми матнро рӯйнавис кунед ва ба зери исмҳояш хат кашед.

**Намуна:** Тавба – чӣ?, тазаррӯъ – чӣ?, оташ – чӣ?, ...

**Супориш:**

1. Луғатҳоро ба дафтар нависед ва аз бар кунед.
2. Бо ду калимаи дар луғат додашуда интихобан ду ҷумла тартиб диҳед ва нависед.

**Машқи 3.** Матнро хонед ва исму сифатҳоро муайян кунед.

**Супориш:** Луғатҳоро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 39–40

## МУАЛЛИМАИ МАН

Ман назди тиреза нишаста ба берун нигоҳ мекунам. Нигоҳ мекунаму бачаҳоро мебинам, ки аз мактаб шодикунону бозикунон ба хонаҳояшон бармегарданд.

Ман бошам худ ба худ мегӯям: «Кай ман ҳам бо ҷӯраҳоям ҳамин хел мактаб меравам?» Азбаски пойҳои ман дардманданд, мактаб рафта наметавонам. Орзуи ягонаи ман ин аст, ки сиҳат шуда мактабрав шавам, байни бачаҳо бошам. Дар ҳамин хаёл будам, ки дари хонаамон тақ-тақ шуда, муаллимаи ман Мунира Мақсудшоева омад. Вай маро бӯсида «Хуршедҷон, ту чӣ хел? Пойҳоят дард намекунанд, боз шеър менависӣ?» – гуфта пурсид. Ман муаллимаро дида хурсанд шудам. Вай ба ман гуфт:

– Канӣ, китоби риёзиатро гир, Хуршедҷон! Вазифаро иҷро кардӣ?

Баъди дарси риёзӣ муаллима аз дигар фанҳо низ машғулият гузаронд. Имсол се сол аст, ки ман дар хона дарс мехонам.

Муаллима ба ман мегӯяд: Хуршедҷон, зиқ нашав, албатта то соли дигар пойҳоят нағз мешаванд ва ту ба мактаб рафта ба синфе, ки ман роҳбарам, мехонӣ. Ман муаллимаро модарам барин дӯст медорам.

### Савол ва супориш:

1. Хуршедҷон дар назди тиреза ба киҳо нигоҳ мекард?
2. Сабаби ба мактаб нарафтани вай дар чист?
3. Орзуи Хуршедҷон чӣ будаст?
4. Муаллима ба Хуршедҷон чӣ гуфт?
5. Барои чӣ муаллимаро Хуршедҷон дӯст медорад?
6. Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

**Машқи 1.** Панду ҳикматҳои зеринро хонед, мазмунашонро шарҳ диҳед: «Пур дону кам гӯй», «Ҳусн, ҳусн нест, одоб ҳусн аст», «Ризқи саҳархез зиёд аст», «То ранҷ набарӣ, ганҷ муяссар намешавад».
**Машқи 2.** Панду ҳикматҳои машқи 1-ро нависед.
**Машқи 3.** Сархати дуюми матнро нависед ва ба панҷ исми он саволи кӣ? ё чӣ? гузоред.

**Мулоҳиза:**
Пандҳо моро ба роҳи рост даъват мекунанд. Онҳо моро аз роҳи бад гардонида ба ростгӯию ростқавлӣ водор месозанд.

**Супориш:** Пандҳои машқи 1-ро аз ёд кунед ва калимаи «Одоб»-ро таҳлили овозӣ намоед.

## ДАРСҲОИ 41–42

## МЕҲРУБОНАМ, ПАДАРАМ!

Хона хомӯш. Дилам ба ёди падарам гум мезанад. Ҳама чиз дар ҷояш: мизи кории ӯ, либосҳои ӯ, аммо ҷои падарам дар дилу дидагонам холист. Дар ҳолате, ки гулӯямро чизе мефишораду чашмонамро ашк мепӯшад, сукут маро ба гузаштаҳои дур мебарад. Гузаштаҳои нек ва саршор аз орзу. Шомгоҳон падарам дар сари мизи корӣ менишастанду ман дар паҳлуяшон. Ҳар ду баробар ба вазифаю супоришҳои муаллимон тайёрӣ медидем. Падарам он қадар мехостанд, ки ман ҳар як супоришро содиқона тайёр кунам. Ба замми ин ба ман супоришҳои иловагӣ медоданд, мепурсиданд. Аз

ҷавобам қонеъ гарданд, меболиданд, агар не, ба ман гаштаю баргашта таъкид мекарданд – омӯхтан лозим, омӯхтан, дониш андӯхтан ин тавоноист, тавре ки Фирдавсии бузург фармудааст: **«Тавоно бувад, ҳар кӣ доно бувад»**.

Падарам омӯзгор буданду ба қадри илму дониш мерасиданд. Ҳамчунин ҳамеша роҳнамою маслиҳатгари оила, дилсӯзу ғамхори фарзандон буданд. Ман бо падари доною донишмандам ифтихор мекардам. Аммо умри чунин лаҳзаҳои нек кӯтоҳ будаасту таманнои мо низ зудгузар.

Марги нобаҳангом моро аз ҳам ҷудо сохт. Чи рӯзҳои даҳшатнок буданд он рӯзҳо. Падарам айни чилсолагӣ бо зиндагӣ падруд гуфтанду рафтанд.

Падарҷони меҳрубонам, шумо осуда бошеду бароҳат. Ҳарчанд дар канорам нестед ва аз маслиҳатҳои шумо бебаҳра мондам, аммо ҳамеша пандҳоятон бо ман аст. Дар зиндагӣ ҳамеша бар он мекӯшам, ки орзуятонро амалӣ гардонам. Инсони комил бошам.

**Луғат:**
***Сукут*** – хомӯшӣ. ***Падруд*** – хайру хуш.

### Савол ва супориш:

1. Кӣ барои мо бештар мӯътабар будааст?
2. Чаро падарро дарахт ва фарзандро меваи ӯ мешуморидаанд?
3. Падар ба фарзандаш чӣ насиҳат додааст?
4. Падар ба чӣ кор машғул будааст ва ба ӯ чӣ ҳодиса руй додааст?
5. Фарзанд панди падарро чӣ тавр ёд мекунад?

**Дар хотир гиред!**
Насиҳатҳои падаратонро дар гӯш гиред ва ҳеҷ вақт фаромӯш накунед.
Падару модар ҳамеша ғамхори шумоянд, то метавонед, иззату ҳурматашонро ба ҷо оред!

**Машқи 1.** Матнро хонед ва аз он исмҳоеро, ки? Ба саволи кӣ ҷавоб мешаванд, муайян намоед.

**Машқи 2.** Сархати охири матнро нависед ва ба исмҳо савол гузоред.

**Намуна:** Падарҷон, ... кӣ?

**Машқи 3.** Калимаҳои зеринро нависед ва ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред: **дил, модар, падар, рафтор, гуфт, Илҳом, Лола, Сӯҳроб, навиштан, дугона, рафиқ, Зулайхо.**

**Намуна:** Дил – чӣ?, модар – кӣ?, ...

**Супориш:**

**1.** Матнро такроран хонед, мазмуни онро дар хотир нигоҳ доред.
**2.** Сархати охири матнро аз ёд кунед.

## ДАРСҲОИ 43–44

### ТРАКТОР

Касбу кори бешумор,
Донад доно трактор.
Мола дорад трактор,
Дона корад трактор
Ҳосилоти пухтаро,
Чида орад трактор.
Ҷӯя кашад трактор,
Дона пошад трактор.
Дар хишова ягона
Якто бошад трактор.
Касбу кори бешумор,
Донад доно трактор.
Пурсидем аз трактор:
Чун омӯхтӣ касбу кор?
Тар-туркунон хандида,
Гуфто ҷавоб трактор:
Буданд устоёни ман,
Одамони калладор.
Ҳоло чӣ? Инони ман,
Дар кафи Акои Нор.
Ӯ корашро медонад,
Маро хушрӯ меронад.

**Наримон Бақозода**

### ЧИСТОН



Ҳаст як паҳлавони ҳайбатнок,
Оҳанинҷисму оҳанинпӯшок,
Асп нею ба тохтан чаққон,
Уштур не, валек боркашон,
Гов нею замин меронад,
Номи ин чизро кӣ медонад? (тр.кт.р)

**Луғат:**
*Инон* – ҷилав, чанбар.

### Савол ва супориш:

**1.** Трактор кадом корҳоро анҷом медиҳад?
**2.** Оё шумо чӣ тавр кор кардани тракторро дидаед?
**3.** Аз трактор чӣ пурсиданд ва он чӣ ҷавоб дод?
**4.** Оё шумо тракторчӣ шудан мехоҳед?
**5.** Шеъри тракторро хонед ва мазмунашро дар хотир гиред.
**6.** Ба расми трактор саволҳои мувофиқ гузоред.
**7.** Нақл кунед, ки трактор чӣ гуна корҳоро анҷом медиҳад. Ба мазмуни матн такя карда, фикратонро баён намоед.

**Машқи 1.** Чор мисраи аввали матни «Трактор»-ро нависед ва исмҳояшро муайян кунед.
**Машқи 2.** Боқимондаи шеърро қироат кунед ва исмҳояшро шифоҳӣ баён созеду саволҳои мувофиқ гузоред.
**Машқи 3.** Иншо дар мавзӯи «Тирамоҳ фасли ҳосилғундорӣ».
**Супориш:** Калимаҳоро хонда фикр кунед: **ҳосилғундорӣ, заррин, зард, мешаванд, тиллоӣ, абр, осмони соф, боғ, серкорӣ ва дар иншоятон истифода баред.**

**Нақшаи иншо:**
1. Фасли тирамоҳ кадом моҳҳоро дар бар мегирад?
2. Дар фасли тирамоҳ кадом меваҳо ва ғаллаҳо ҷамъоварӣ мешаванд?
3. Дар таътили тирамоҳӣ шумо ба чӣ кор машғул мешавед, нақл кунед.
4. Тирамоҳро чӣ гуна фасл мегӯянд?
5. Дар охири ин фасл баргҳои дарахтон ва гиёҳҳо чӣ гуна ранг мегиранд?

## ДАРСҲОИ 45–46

## СЕЛ, ҲАШАР ВА КӮПРУК

Пагоҳӣ ба мактаб мерафтам, ки ба хонандаи синфи дуюм Сафар дучор омадам.

Ӯ гиря мекард, чузвдон ва либосҳои мактабиаш тару лой буд.

– Сафарҷон, ба ту чӣ шуд? – пурсидам ман.

Ӯ ҷавобе надода рафт.

Ман ба назди кӯпрук расидам ва дидам, ки сели калони шабомада кӯпрукро вайрон кардааст. Фаҳмидам, ки Сафар барои чӣ гиря мекардааст. Вай аз болои чӯби борик гузашта натавониста ба об афтодааст.

Ман ба хона омада воқеаро ба падарам гуфтам. Падарам гуфт, ки даҳ сол пеш аз ин кӯпрук бо сафедорҳои махсус барои сохтмони он сабзондаи бобои Садриддин бунёд карда шуда буд.

– Аз кӯпруки назди хонаи бобои Ҳабиб гузашта ба мактаб рав, аз дарс дер намон. Ман як назди бобои Садриддин рафта маслиҳат кунам, – гуфт падарам.

Пас аз чанд рӯз бо роҳбарии бобоҳо ҳашар ташкил карда шуд. Рӯзи якшанбе мо, хонандагон, ҳам ба ёрӣ омадем. Ҳоло аз кӯпруки нав болои дарёчае, ки деҳаамонро ба ду тақсим мекунад, гузашта ба мактаб меравем.

### Савол ва супориш:

**1.** Либосҳои Сафар чаро лойолуд буд?
**2.** Сел чиро вайрон кардааст?
**3.** Дар бораи ҳашар чиро медонед, гуфта диҳед.
**4.** Матнро хонед, мазмунашро нақл кунед.

**Машқи 1.** Сархати аввали матнро нависед ва ба исмҳои он савол гузоред.

**Намуна:** Мактаб – чӣ?, ...

**Машқи 2.** Калимаҳои зеринро хонед ва исмҳояшро муайян карда, баъд онҳоро нависед: **тирамоҳ, салқин, меваҳо, ғаллаҳо, писарон, духтарон, пухтанд, ҳосил, ҷамъоварӣ, пахта, сабзавот, чидем, шудгор, кард, хурсанд, шудем, ман, ӯ.**

**Супориш:** Фаҳмонед, ки оё ҳамаи калимаҳои навишташуда исманд ва ё баъзеашон.

**Машқи 3.** Матнро такроран хонед ва исмҳояшро муайян карда ба онҳо саволҳои мувофиқ гузоред.

**Намуна**: роҳ – чӣ?, хонанда – кӣ?, Сафар – кӣ?

**Машқи 4.** Исмҳои муайянкардаатонро аз машқи 3 ба ҳиҷоҳо ҷудо кунед.

**Намуна:** Синф – синф, хонанда – хо-нан-да, ...

## ДАРСҲОИ 47–48

## ПАНДҲОИ ҲАЗРАТИ МУҲАММАД (с)

Ҳеҷ суханчин ба мақсад нарасад.

Ҳар касе, ки ба ҳамсояаш бадӣ кунад, некӣ намебинад.

Гуфтори нарм пайвандгари дилҳо мебошад.

Танҳоӣ аз ҳамнишини бад беҳтар аст.

Некӯӣ ва хушҳамсоягӣ хонаҳоро ободу умрҳоро дароз мекунад.

Ду бародар чун ду дастанд, яке дигареро мешӯяд.

Ахлоқи хуш гуноҳро об мекунад, чунончи офтоб яхро.

Биҷӯй илмро агар дар Чин бошад.

Дастҳо се гунаанд: гиранда, диҳанда ва нигоҳдоранда. Аз ҳама беҳтар дасти диҳанда аст.

Ҳилагару бахил оқибат шарманда аст.

Се чизро Худо дӯст дорад: кам гуфтан, кам хуфтан ва кам хӯрдан.

Се чизро Худо душман донад: пургӯӣ, пурхобӣ ва пурхӯрӣ.

**Луғат:**

*Суханчин* – хабаркаш. *Чин* – Хитой.
*Хуфтан* – хобидан.

### Савол ва супориш:

1. Бо ҳамсоя касе бадӣ кунад, чӣ намебинад?
2. Аз ҳамнишини бад чӣ беҳтар аст?
3. Умр бо чӣ дароз мешудааст?
4. Бародарон ба чӣ монанданд?
5. Кадоме аз дастҳо беҳтар будааст?
6. Пандҳоро аз бар кунед.

**Машқи 1.** Пандҳоро интихобан нависед ва ба исмҳои он саволҳои мувофиқ гузоред.

**Супориш:** Феълҳои матнро номбар намоед.

**Машқи 2.** Нависед, шарҳ диҳед: Танҳоӣ аз ҳамнишини бад беҳтар аст. Се чизро Худо душман донад: пургӯӣ, пурхобӣ, пурхӯрӣ.

**Супориш:**

**1.** Луғатро такроран хонед ва дар хотир гиред.

**2.** Нақшаи сӯҳбатро бори дигар хонед ва ба ҷавоби онҳо дурустар диққат диҳед.

**3.** Мазмуни ҳар пандро гуфта диҳед (агар баъзеашро нафаҳмидед, аз якдигар пурсед).

**Таъкид:** Пандҳо бароямон хеле заруранд. Онҳо моро ба фикр кардан водор месозанд. Пандҳо ба мо одобу одамгарӣ ёд медиҳанд ва моро аз роҳи бад гардонда ба роҳи рост даъват мекунанд. Бе панду ҳикмати бузургон зиндагӣ ҳеҷ маъно надорад. То метавонед, ҳар қадар зиёдтар панду ҳикмат аз ёд кунед ва мувофиқ ба онҳо амал намоед.

**Машқи 3.** Калимаҳои **мардум, ҳамнишин, ҳамсоя, ахлоқ**-ро таҳлили овозӣ кунед.

**Намуна:** Мардум – м-а-р-д-у-м, ...

## ДАРСҲОИ 49–50

### ОДАМУ ОДАМГАРӢ
**Асрор**

Мамлакату Салима бо якдигар ҳеҷ муросо намекарданд. Яке роҳи назди ҳавлиро мерӯфту хокрӯбаро дар дами дари ҳавлии дугонааш ҷамъ карда мемонд. Дигаре низ ҳамчунин мекард.

– Чаро ту хокрӯбаро намегирӣ? – меранҷид Мамлакат.

– Худи ту чаро хокрӯбаро ба тарафи ман мерӯбӣ? – мегуфт Салима.

– Ман ба ҷои дигарон кор намекунам.

– Ман ҳам ба ҷои ту кор кардан намехоҳам.

Чанде мегузашту духтарҳо баҳсу мунозираро фаромӯш карда, оштӣ шуда ҳамроҳ бозӣ мекарданд.

Боре Мамлакату Салима банди таънаю маломати ҳамдигар буданд, ки баҳсашонро дугонаашон Карима шунид. Аммо шарик

нашуд. Ҳатто худро ба дугонаҳояш нишон надод. Қарор дод, ки то рӯзи дигар мунтазир шавад.

Пагоҳӣ аз дарвоза аввал Салима баромад. Баромаду ҳайрон шуд ва ҷорӯб аз дасташ афтид: роҳи назди ҳавлиро касе рӯфта хокрӯбаро гирифтааст. Ҳатто об задааст. «Мамлакат ғайрат кардааст» – аз дил гузаронд Салима ва ба хона даромад.

Сонӣ Мамлакат ба кӯча баромад. Вай ҳам тааҷҷуб кард. Афсӯс хӯрд, ки чаро худи ӯ пештар аз хоб нахесту ин ҷоро рӯфта об назад.

Пас аз нонушта дугонаҳо бо ҳамдигар вохӯрданд.

– Ташаккур Мамлакат!..

Аммо Мамлакат гапи Салимаро бурида саросема гуфт:

– Акнун ба навбат мерӯбем. Пагоҳ навбати ман аст.

– Чаро навбати ту будааст? Пагоҳ ман мерӯбам! – эътироз кард Салима. Вай тайёр буд, ки худи ҳозир ба кор сар кунад.

– Охир, ту имрӯз рӯфтӣ, – гуфт ғамхорона Мамлакат. – Гуфтам-ку бо навбат мерӯбем.

– Ту ин қадар айёр? Ду рӯз паси ҳам тоза карданӣ ҳастӣ? Ин хел намешавад.

Ин вақт Карима назди онҳо омад.

– Биёед, секаса мерӯбем, – таклиф кард ӯ.

– Рост, чаро тақсим кунем, вақте, ки секаса рӯфтан осонтар аст! – хурсанд шуданд дугонаҳо ва қарсак заданд.

Пас ҳар се шоду мамнун машғули бозӣ шуданд.

Мамлакату Салима то ҳол намедонанд, ки пайроҳаро аввалин шуда кӣ рӯфта буд?

### Савол ва супориш:

1. Чаро дугонаҳо бо ҳам муросо намекарданд?
2. Карима чиро мушоҳида кард?
3. Салима аз чӣ ҳайрон шуд?
4. Одамгарии Каримаро чӣ тавр фаҳмидан мумкин аст?
5. Пайроҳаро аввалин шуда кӣ рӯфтааст?
6. Маънои панди **«Одам бошад, ки қадри одам донад»**-ро шарҳу эзоҳ диҳед.
7. Кӯшед, ки ба ҳам муросо кунед. Агар касе ба камбудӣ роҳ дод, ӯро зуд насиҳат кунед.

**Машқи 1.** Матнро хонед, исмҳои хосро нависед.
**Машқи 2.** Матнро бори дигар хонед ва мазмунашро нақл кунед.
**Супориш:**
**1.** Аз рафтори яке аз ин духтарон, ки боиси сулҳу дӯстии байни дугонаҳо гаштааст, ибрат гиред.
**2.** Шумо муайян кунед, ки кӯчаро кӣ рӯфтааст ва ба хотири чӣ?
**Машқи 3.** Матнро такроран хонда, пешояндҳоро муайян кунед ва нависед.

**Намуна:** Бо, дар, ...

**Супориш:** Калимаи «**асрор**»-ро шарҳ диҳед ва аз тарафи шахси сеюм рӯфтани кӯчаро дарёбед, ки ӯ кист?

## ДАРСҲОИ 51–52

## ДАРСЕ, КИ БА МАРДУМ ОМӮХТ

Зару зевари дунё назди Алӣ (а) қадру қимате надошт. Хӯроку пӯшоки Алӣ (а) ва ҳам хонаводааш бисёр оддӣ буд. Алӣ (а) либосҳои гаронбаҳо намепӯшид, ҳатто вақте ки халифаи мусулмонон буд, ҳеч кас наметавонист Алиро бо моли дунё гӯл бизанад (фиреб диҳад).

Мегӯянд, ки касе хоҳише аз Алӣ (а) дошт. Вай шабе дари хонаи Алиро кӯфт. Алӣ (а) дарро боз кард. Он шахсро дид, ки косае дар даст дорад. Коса пури ҳалво буд, ки бо шакару гулоб ва заъфарон пухта буданд. Алӣ (а) ба он шахс гуфт:

– Агар ин коса аз закот ё садақа бошад, закоту садақа бар мо ҳаром аст!

Он шахс посух дод:

– На, закоту садақа нест, пешкаш аст.

Алӣ (а) гуфт:

– Оё ту мехоҳӣ бо ин корат маро шармсор бисозӣ? Магар ту намедонӣ, ки ҳафт иқлими ҷаҳонро ба ман тақдим дорӣ ва аз ман бихоҳӣ, ки пӯсти ҷаверо аз даҳони мӯрчае бигирам, чунин кореро намекунам!

Дарсе, ки Алӣ (а) бо ин кораш ба мардум омӯхт, ин буд: **вақте касе бар курсии раёсат менишинад, ҷуз ҳаққу ҳақиқат дигар чизеро набояд дар назар бигирад. Фақат бояд дар фикри нафъи мардум бошад.**

**Луғат:**

***Гӯл*** – фиреб. ***Халифаи мусулмонон*** – сарвари мусулмонон.

### Савол ва супориш:

1. Ба Алӣ (а) чӣ гуна хӯрок ва либос писанд буд? Барои чӣ?
2. Чаро Алӣ (а) он шахсро дуруст, хуб қабул накард?
3. Алӣ (а) ба он мард чӣ ҷавоб дод?
4. Чаро Алӣ (а) ҷонибдори ҳаққу ҳақиқат буданро тарғиб кардааст?
5. Дар хотир гиред: Ҳамеша ростгӯю неккирдор ва поквиҷдон бошед. Агар ин хислатҳоро дошта бошед, сазовори обрӯ ва эҳтироми одамон мегардед.

**Машқи 1.** Исмҳои танҳоро ба исмҳои ҷамъ гардонед: **хӯрок, пӯшок, либос, мол, шаб, хона, дар, коса, мӯрча, дарс, курсӣ.**

**Намуна:** хӯрокҳо, ...

**Машқи 2.** Сархати аввали матнро нависед ва исмҳояшро муайян карда ба онҳо саволи мувофиқ гузоред.

**Машқи 3.** Ба матн савол гузоред ва ҷавоби хаттӣ нависед.

**Намуна:**

– Бо вуҷуди халифаи мусулмонон буданаш, Алӣ (а) чӣ гуна либос мепӯшид?

– Бо вуҷуди халифаи мусулмонон будан, Алӣ (а) бо аҳли оилааш либосҳои фақиронаю камбағалона мепӯшиданд.

**Машқи 4.** Шарҳ диҳед: Овоз, ҳарф, калима, ҷумла, матн.

**Намуна:** Ҳарфҳо шакл доранд, мо онҳоро мебинем, ...

## ДАРСҲОИ 53–54

### УҚОБ

Ҳеҷ донӣ ту, ки уқоб чӣ сон
Меҳрубонӣ кунад ба фарзандон.
Чун баҳоре, ки аз дарахти ҷавон,
Аввалин ғунчаро шавад ҷӯён.
Бори аввал уқоби зирак ҳам,
Хоҳад аз бачагон пари маҳкам.

Баъд берун аз ошён созад,
Дар фазои кушод андозад.
Гирдашон хеш бо парафшонӣ,
Аз ҳар офат кунад нигоҳбонӣ.
То ба онҳо паридан омӯзад,
Дуру наздик дидан омӯзад.
Чун бубинад, ки бачагони ӯ,
Мустақил мепаранд ба ҳар сӯ.
Худаш он гоҳ ифтихоркунон,
Бипарад бо тамоми фарзандон.

**Мирзо Турсунзода**

**Луғат:**

***Чӣ сон*** – чӣ тавр, чӣ хел, чӣ гуна.
***Фазо*** – ҳавои кушод.
***Ошён*** – лона, хона.
***Офат*** – зиён, бало.

**Супориш:**

**1.** Шеърро ифоданок хонед.
**2.** Гуфта диҳед, ки сухан дар бораи чӣ меравад.
**3.** Ғамхории падару модаратонро нисбати шумоён ва уқоб ба фарзандон муқоиса кунед ва хулоса бароред.

**Машқи 1.** Чор мисраи аввал ва чор мисраи охири матнро такроран хонда маънидод кунед ва нависед.

**Супориш:** Луғатҳои матни «Уқоб»-ро аз ёд кунед.

**Машқи 2.** Исмҳои ҳаммаъноро нависед: майда – хурд – кӯчак. Шод- хурсанд – фараҳ, ранҷ – азоб – машаққат – азият – шиканҷа. Ғам – ғусса – андӯҳ.

**Машқи 3.** Ҳаммаънои исмҳои зеринро муайян кунед ва нависед:
Иморат –
Чашм –
Калон –
Рақиб –
Зид –

**Намуна:** Иморат – бино.

**Супориш:**

**1.** Луғатҳои зерматнро аз бар созед.
**2.** Саволҳои феълро ба ёд оред ва се ҷумла тартиб диҳед.